# ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ



# САДУ ЯК ҒАЗАЛ

www.kmt.tj

ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

# САДУ ЯК ҒАЗАЛ

Душанбе
«Ирфон»
2009

www.kmt.tj

ББК 100.5+50
К – 101
83. 3 (Тоҷ) + 83. 3 (0)9

Муҳаррир *Б. Раҳимӣ*

Мураттибон: *Б. Раҳимӣ,*
*А. Мӯсоев*

**Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ**
**К – 75** Саду як ғазал. – Душанбе: «Ирфон», 2009, 104 саҳ.

Дар ин маҷмӯа саду як ғазали шоири маъруф Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ (1868-1917) ҷой дода шудааст.

**4700000000–026**
**К ------------------- - 2009** **ББК 100.5+50**
**М 501 (12) - 2009**

ISBN 978-99947-63–54–2
© Раҳимӣ Б., Мӯсоев А., 2009

www.kmt.tj

Эй номи ту ҳаловати ҷону забони мо,
Ширин бувад зи лаззати шукрат даҳони мо.
Вомондагони ҷодаи дашти залолатем,
Эй раҳнамо, ҳидояте бар корвони мо.
Аз обёри файзи худ сероб гар кунӣ,
Пажмурдагӣ самар диҳад дар бӯстони мо.
Аз навбаҳори марҳамат абри наволро
Фармо, ки то хазон барад аз гулситони мо.
Рӯзи забон гирифтани ҳайратнамоиям,
Бикшо забон зи раҳмату кун тарҷумони мо.
То кай ба тирагӣ дили зангошнои манн?
Эй шустушӯ, таҳорате андар ҷинони мо.
З-ин фитнаҷо нишонаи тири бало шудем,
Худ гӯ, куҷост балдаи доруламони мо?
Пӯшида нест пеши ту асрори коинот,
Ойинаест пардаи айби ниҳони мо.
Мо худ ҷаҳулу сархати авсофи мо залум,
Фазлат агар на нест, чи суд имтиҳони мо?
Ҳоҷӣ шикастамаҳмили байдои кӯи туст,
Шояд бигӯӣ: бандаи мо, нотавони мо.

www.kmt.tj



КИТОБХОНА
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета
Таджикистан
ИНВ. № 19807

Эй дар хаёли рӯйи ту пурдоғ синаҳо,
Дар дил ниҳон зи оташи шавқат дафинаҳо.
Бар кӯҳ агар ҳикояти ишқи ту бигзарад,
Ҳайрат кашад зи домани санг обгинаҳо.
Вомонда ақл дар раҳи фаҳми камоли ту,
Афтода занн ба пояи даркат зи зинаҳо.
Фазлат баҳори хуррами асҳоби дӯстӣ,
Адлат хазони гулшани арбоби кинаҳо.
Андар диёри бекасӣ ишқат нуҳуфта аст
Сад кӯҳи ғам ба домани гардам хазинаҳо.
Дилмондаем, эй ҳавас, саъйи фиреб чанд?
З-ин иқдҳои лӯлӯву дасти заринаҳо.
Ҳоҷӣ куҷову утбаи рукну мақоми ту?
Маҳмил ҷудо шикастааш дар раҳ сафинаҳо.

www.kmt.tj

Гар ба ин шӯр аст ашки дидаи гирёни мо,
Оламе дар об хоҳад рафт аз тӯфони мо.
Ҳеч асрори азал маълуми Тури мо нашуд,
Фикри мо гумроҳи мову ақли мо ҳайрони мо.
Кай тавон дар парда монад рози мо пӯшида, кай?
Чун саҳар чоки гиребон аст то домони мо.
Зин муъаммо дил ба хун афтоду маънӣ во нашуд,
К-аз чӣ рӯ ин гӯшаи вайрона шуд зиндони мо?
Умрҳо бигзашт тӯмори амал бинвиштаем,
Эй ҳавас,то кай нагирӣ дастат аз домони мо?
Он чӣ лаззатҳо зи неъматхорагиҳо бурдаем,
Дардҳо берун кашад аз ҷавҳари дандони мо.
Мо заъифонем, кай хидмат зи мо сар бар занад?
К-ӯ сазо бошад туро, эй ҳазрати султони мо.
Ғоза бар рухсора аз ранги маъосӣ кардаем,
Эй пушаймонӣ, куҷоӣ, бош бо нисёни мо.
Саҳл машмар, муҳтасиб, озори қалби бекасон,
Нораво озори мо пайдост аз фармони мо.
Сарсарӣ магзар зи ҳарфам ҳамчу ғофилмашрабон,
Яккалам бастаст мазмун мисраъи девони мо.
Ҳоҷӣ мо ҳам дидаи сифед пайдо кардаем,
Мерасад охир башире низ дар Канъони мо.

www.kmt.tj

Шуд чаман бишкуфта, эй шӯхи чаманоро, биё,
Меравад вақти тамошо ҷилва сар то по, биё.
Гул нигаҳ во кардаасту ғунча дар хун хуфтааст,
Аз барои як назар бархезу бепарво биё.
Бо тағофул то ба кай андар таманно мурдаем?
Зиндагимаҳрум кардӣ, бар мазори мо биё.
Мо шаҳидонем, дар роҳи вафо хун гаштаем,
Хунбаҳо як ҷилва мехоҳад қазо, танҳо биё.
Чашмасори дидаи мо ҳам тамошо карданист,
Як даме бар интизори мо қадам фармо, биё.
Ин аҷаб бар кулбаи ғамменсабон ғар нагзарӣ,
Партави меҳр аст яксон бар ҳама ашё, биё.
Ҳоҷӣ меҷӯяд туро дар домани шабҳои тор,
Шоми ӯ равшан кунӣ, эй моҳи ҳурсимо, биё.

www.kmt.tj

То ба кай созам тасаллӣ хотири ношодро?
З-оташи дил нола мехезад найи фарёдро.
Хоки мо з-афсурдагиҳо қобили таъмир нест,
Хона барбод аст охир мулки бебунёдро.
Дар бисоти сурати иншои рахт аз очизӣ
Мечакад ранги хиҷолат ах қалам Беҳзодро.
Дар чаман гар қоматат аз ноз созад ҷилвае,
Медиҳад таълими хубӣ ножуву шамшодро.
Зоҳид, аз майхона берун шав, ки аз камфитратӣ
Обрӯ барбод кардӣ ин ҳама шайёдро.
Он қадар кулфат, ки аз бахти забун бар мо гузашт,
Панҷаи чап мешуморад, гар кунам теъдодро.
Ҳиммат он ҷо баста гардад, нотавонӣ ҳам балост,
Бестун ларзад ба худ, гар бишнавад Фарҳодро.
Ҳоҷӣ, мо дар мактаби ишқему ғам устоди мост,
Кай диҳад дар иди Наврӯзам хати озодро.

www.kmt.tj

Эй дил, нафсе аз ҳаваси хеш бурун о.
То монда нагардӣ, қадаме пеш бурун о.
Чандон, ки давидӣ, ба муроде нарасидӣ,
Ҳиҷрат талаб, аз ваҳми бадандеш бурун о.
Дар косаи гардун асалу заҳр сириштанд,
Аз нӯш гузар в-аз алами неш бурун о.
Эй нанги саъодат, чи қадар банди ҳавоӣ,
Бишкан бути худрову аз ин кеш бурун о.
Ташвишшуморанд ҳама ҳоҷасароён,
Роҳат талабӣ, аз каму аз беш бурун о.
Он пашми кулоҳе, ки аз ӯ зиннати шоҳист,
Мӯят беҳ аз он аст, зи думи меш бурун о.
Ҳоҷӣ, ба тавофи ҳарами муҳтарами дил
Зоде ба бағал аз ҷигари реш, бурун о.

www.kmt.tj

Ҷӯшад зи лаб табхолаҳо, бинам чу он бебокро,
Аз бас шунидам борҳо бераҳмии атрокро.
Андар мазори майчашон биншон ниҳоли дигаре,
Зеро нахоҳад ин Замин ҷуз решаҳои токро.
Ганҷе ниҳон дар зери гил кардем, з-ӯ дил гавҳарест,
Пеш о ба ҳурмат баъд аз ин, гар бигзарӣ ин хокро.
Иззат хасисонро ситам бошад ба равшангавҳарон,
Резад рамад бар дида, чун гирад ба худ хошокро.
Зоҳид, бигӯ, андар куҷо дидӣ, ки суннат бошад ин,
Баҳри фиреби мардумон бар сар задан мисвокро?
Мумкин, агар рӯҳулқудус бо бахти мо ёрӣ кунад,
Як сӯ шавад аз рӯйи мо,захми назар афлокро.
Ҳоҷӣ, Масеҳоро нафас бар мурда ҷон бахшид, лек
Таълими инсонӣ накард мардони беидрокро.

www.kmt.tj

Боз ғам якбора омад хотири ранҷурро,
Ваҳ, ки дар ин хона барпо кард боз ин шӯрро.
Шӯри ин ваҳшатсаро мағзам чунон аз кор бурд,
Бехабар тарсам, ки монад наъраҳои сурро.
Имтиҳони ишқ набвад ҷуз дар оташ пар задан,
Мезанад чашмак шарар аз ҳар ғуборе Турро.
Бетамизонро мурувват бо газанд олуда аст,
Дар лаби домони шаб барбастаанд кофурро.
Дар илоҷи заҳри исён тавба дорад арзи ноз,
Мечакад шаҳд аз сари неши ситам занбӯрро.
Корвони рафта кай сози асар гум кардааст,
Мӯ канӣ аз чинӣ, мехезад фиғон фағфурро.
Рамзи дарёро тавон фаҳмид аз тарсоҳилӣ,
К-ин ҷароҳат аз фузунӣ мечакад носурро.
Ҳифзи асбоб олами асбобро бошад зарур,
Беасоӣ сарнагун дар чоҳ орад кӯрро.
Гар набастӣ кӯрии ғафлат нигоҳи ибратат,
Ҳар табассум хандае будӣ лабони гӯрро.
Пардаҳои сози мо, Ҳоҷӣ, зи ҳам хоҳад гусехт,
Мехарошад сахт беҷо нохун ин танбӯрро.

www.kmt.tj

Гар аз ҷамол во кунад Моҳам ниқобро,
Резад арақ зи ҷабҳаи ноб Офтобро.
Эй Офтоби орази гарми ту то дог кард
Дар барги лола шабнаму дар гул гулобро.
Ё Раб, чӣ кавкабӣ, ки зи нури ту мебарад
Ҳар шаб фалак ба хирмани худ Моҳтобро.
Аз шоми ту шамол ба Чин то шомим бурд,
Дар нофа баст Хито зи хато мушки нобро.
Доғам зи ғам, ки кошкӣ ҳангоми масъалат
Дашном ҳам ба ваъдае гуфтӣ ҷавобро.
Эй тоби зулф, то каям бетоб мекунӣ?
Печӣ зи тоб орази он рӯйтобро.
Боди сабо, ба гулшани он гулбадан равӣ,
Гӯ арзи ҳоли хаставу чашми пуробро.
Вақти баҳор меравад, соқӣ, ғанимат аст,
Пеш о, пиёла гир, бипаймо шаробро.
Ҳоҷӣ чӣ сон ба зарваи кӯйи ту раҳ барад?
Гардун куҷову пар задан мушти туробро?

www.kmt.tj

Чӣ савдоест бар мастонаи мо,
Хирад якбора шуд бегонаи мо.
Шароб аз лаъли согар метаровад
Зи шарми машраби ҷононаи мо.
Тараб гул мекунад аз пайкари шамъ,
Ба рақс ояд агар парвонаи мо.
Зи саъйи ваҳшат ағлолу салосил
Надорад ҳукм бар девонаи мо.
Шабистони ҷаҳон то субҳи маҳшар
Кунад кӯтоҳӣ бар афсонаи мо.
Баҳор охир шуду хуррам нагардид
Зи пастафтодагиҳо донаи мо.
Намояд шамъ мили сурмаолуд,
Чу ояд шом дар кошонаи мо.
Зи зулфи ҳуриён парҳез гирад,
Расад бар фарқи ӯ гар шонаи мо.
Биё, Ҳоҷӣ, зи нақши бӯриё бин
Матоъи кулбаи вайронаи мо.

www.kmt.tj

Мерасад он ҷангҷӯ пойи ситам дар ракиб,
Ҷавру ҷафо пешрав, зулму газаб аз ақиб.
Найзаи мижгон нигаҳ баста чу теғи сипаҳ,
Нуқтаи холи сияҳ донаи доми фиреб.
Моҳ зи рӯяш хиҷил, Зуҳра яке мунфаил,
З-ӯ шуда турки Чигил бе хираду бе шакиб.
Турки сияҳмасти кин, хиргаҳи абрунишин,
Аз пайи тороҷи дин дида фарозу нашиб.
Пеши қадаш сидра дол, тубӣ аз ӯ як хаёл,
Ҳури биҳиштидалол, дилбари фирдавсзеб.
Роғу даман лолапӯш, боғу чаман гулфурӯш,
Зоғу заган дар хурӯш, рухсати дидан қариб.
Меҳри рухаш дар арақ дода ба хубӣ сабақ,
Карда зи аксаш шафақ гунбади хизро аҷиб.
Хуни дилам ҷӯ ба ҷӯ рафта зи бедоди ӯ,
Чора чӣ созад бигӯ, Ҳоҷии ҳиҷроннасиб?

www.kmt.tj

Гаштам ба раҳат ғубор, эй дӯст.
По бар сари ман гузор, эй дӯст.
Ҳарчанд ҳақиру нотавонам,
Аз ман накунӣ канор, эй дӯст.
Ту такязани чаҳорболишт,
Ман дида ба роҳ чор, эй дӯст.
Аз ҳасрати чор абрӯи ту
Ашкам шуда шашқатор, эй дӯст.
Бетобам аз он ду зулфи пуртоб,
Беморам аз он ду мор, эй дӯст.
Сад ғанҷу далол аз ту ҳар дам,
Ман хиҷлати сад ҳазор, эй дӯст.
То кай туву ҳоли мо надидан?
То кай ману интизор, эй дӯст?
Чун зулфу хатат мушаввашам кард,
К-омад Макаро куфор, эй дӯст.
Як бор нагуфтӣ, Ҳоҷӣ, охир,
Ғам бо ту чӣ шуд дучор, эй дӯст?

www.kmt.tj

Чун парӣ, эй Маҳ, чаро дур аз ҳаё мебинамат?
Бо тағофул хӯгару бе марҳабо мебинамат?
Рӯзу шаб мастона дар базми рақибон ҷо кунӣ,
Бар сари худ шӯху шанги пурҷафо мебинамат.
Улфате нодидаву сад бор миннат менихӣ,
Суҳбате нокардаву ноошно мебинамат.
Бо тағофул чанд? Бар мо ҳам яке наззорае,
Инчунин то кай назар дар пушти по мебинамат?
Гармии бозори хубӣ чанд рӯзе беш нест,
Оқибат чун нақши оташ рӯсиё мебинамат.
Дарди моро аз ту набвад ҳеч сомону илоҷ,
Дар ҷамеъи ранҷҳо нафъу шифо мебинамат.
Кулфати даврон туро, Ҳоҷӣ, ҳамон дар хотир аст,
Ҳар қадар баҳри сафо саъйозмо мебинамат.



www.kmt.tj

КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета
Таджикистана
ИНВ. № 19807

Рӯят Маҳу Офтоб бишкаст,
Мӯят шаби мушки ноб бишкаст.
Пайғоми руху шамими зулфат
Бозори гулу гулоб бишкаст.
Бадмастии чашми пурхуморат
Сад шишаи пуршароб бишкаст.
Ошӯби зи ҷой ҷастани ту
Бар айнаки фитна хоб бишкаст.
Гуфто, ки чаро шикаст рангат?
Гуфтам, ки рухат ниқоб бишкаст.
Гуфто, ки зи ҳам чаро нахезӣ?
Гуфтам, камарам итоб бишкаст.
Як нолаи хотири хазинам
Сад зеру бами рубоб бишкаст.
Ҳоҷӣ, дили мо саҳеҳтар шуд,
Чун зулф зи печутоб бишкаст.

www.kmt.tj

Дил якибин гар шавад, чизи дигар даркор нест,
Сурати касрат дар ин ойина ҷуз зангор нест.
Нестӣ хосияте дорад, ки пеши ҳимматаш
Ҳар ду оламро ба як ҷав қимату миқдор нест.
Мо заъифон чун сиришк аз паҳлӯи афтодагӣ,
Ҷилваи мо лағзише дорад, ки ноҳамвор нест.
Кас намедонад гуноҳи ишқбозонро чаро?
К-ин ҷиноят шеваи тақлиду истикбор нест.
Сина то равшан кунӣ, зулматсарои тан биҳил,
Нур нанмояд дарун, то хона бе девор нест.
Ғайри ҳарфе нест дарси мактаби мо бедилон,
Сабҳаҳо фарсуд, аммо ҷуз якӣ такрор нест.
Худнамоён Сӯмнот аз хеш пайдо кардаанд,
Саҷдаи ин қавм кам аз ҳайати зуннор нест.
Бе салоҳи дил набошад нури тоъатро фурӯғ,
Кам диҳад ҳосил зироъат, гар замин шудгор нест.
Аз сияҳкорон наёяд санъати шоистае,
Тегро каҷпайкарӣ ҷуз айби оҳанкор нест.
Ҳоҷӣ, мо аз гуфтугӯйи ину он лаб бастаем,
Рамзҳо дорем, аммо маҳрами асрор нест.

www.kmt.tj

Шӯхе ба ғамза хотирам бемор карду рафт.
Рухро намуду мушкилам дар кор карду рафт.
Ҷонам зи тоби оврази гармаш ба таб тапид,
То он даме, ки аз манаш безор карду рафт.
Баҳри суоли меҳнату беморпурсиям
Омад, валеву мурданам ахбор карду рафт.
Рӯзам ба шаб расид, расид он парию боз
Шодам саҳар ба ваъдаи дидор карду рафт.
Пинҳон ғамат ба синаи маҳзун чӣ сон кунам?
Ашки ғамоз ба рухам изҳор карду рафт.
Моро хаёли кокулу савдои зулфи ту
Русвои шаҳру шуҳраи бозор карду рафт.
Ҳоҷӣ, барои дидани рӯят ба чорроҳ
Умре нишасту дидаи худ чор карду рафт.

www.kmt.tj

Аз оташи шавқат ҷигари хаста кабоб аст,
Кошонаи чашмам чу қадаҳ дар таҳи об аст.
Аз муждаи дидори ту мижгони сафедам
Равшантар аз ойинаи хур зери саҳоб аст.
То Моҳи ту карда ба Замин нурфишонӣ,
Дар пардаи гардун рухи хур бастаниқоб аст.
Аз неъмати алвон нашавад сер тунукзарф,
Дар баҳр тиҳӣ косаи вожуни ҳубоб аст.
З-ин доира ҷуз ранҷу таъаб ҳеҷ надидем,
Дӯзах магар ин аст, ки тӯфони азоб аст?
Ҳуш дор дар ин бодия, к-аз роҳ нагардӣ,
Ғулон ба фиребанду намудор сароб аст.
Дар баҳр кадом кушта фиканданд, ки имрӯз
Чун ҷавҳари шамшер зиреҳ дар тани об аст.
Аз қомати хамгашта дигар ҳеҷ мапурсед,
Наъле ба раҳ аз қофилаи тезшитоб аст.
Арзи дили худ, Ҳоҷӣ, чӣ тақрир тавонам?
К-ин масъала баҳсест, ки холӣ зи ҷавоб аст.

www.kmt.tj

Чӣ сабаб ки турки мастам бари мо надида бигзашт?
Нанишасту нолаи мо даме ношунида бигзашт.
Зи паёми ваъдаи ӯ, ки чу шаб биёяд, оям,
Нағунудам он ки шаб ҳам ба дами сапеда бигзашт.
Чу ҳилол пайкари ман ба тавозӯъи дари ӯ
Ба умеди ҷабҳасоӣ ба қади хамида бигзашт.
Ба чаман ба субҳгоҳӣ чу ғизоли ваҳшӣ омад,
Зи саводи дидаи ман чӣ қадар рамида бигзашт?
Чӣ зи дӯст шиква созам? Ки зи бахти номусоид
Бирасиду доман аз ноз зи кафам кашида бигзашт.
Зи ғами ҷудоӣ, Ҳоҷӣ, ба фиғон чаро нанолам?
Ки чу най зи найситонам ҳама кас бурида бигзашт.

www.kmt.tj

Чӣ хуш аст дилрабое, ки чу нури дида бигзашт,
Бари пурсиши ғарибон ба шаб орамида бигзашт.
Дилу ҷону дин рабуда, рухи шармгин намуда,
Гиреҳи ҷабин кушуда, ба миён расида бигзашт.
Ба камоли шаҳкамонӣ, ба дами самандаронӣ,
Ба ҳама сабукравонӣ, чӣ инон кашида бигзашт.
Чӣ шавӣ дар имтиҳонам, ки мабод, зинда монам,
Шуда об дидагонам, ба раҳат чакида бигзашт.
Ба ҳазор хун тапидам, нафасе наёрамидам,
Чу [illegible]лабе расидам, чу шарар расида бигзашт.
Ба мадори инҷаҳонӣ чӣ ба фикри айшронӣ?
Ки тамоми зиндагонӣ чу ба хоби дида бигзашт.
Ҳама, Ҳоҷӣ эътизорам, ки зи шарм тавба орам,
Ба чӣ сон гунаҳ шуморам? Зи дусад ҷарида бигзашт.

www.kmt.tj

Саҳрои навбаҳорон бо ёди ёр хуб аст.
Доғи диле набошад, кай лолазор хуб аст?
Дар роҳи қадрдонӣ аздод то набошад,
Гулро наметавон гуфт, бе ранҷи хор хуб аст.
Ғавгои ошиқона бе фитна кай нишинад,
Ҳар ҷо аналҳақ ояд, тамҳиди дор хуб аст.
Дар мавсими ҷавонӣ як бор лаб газидан
Аз тавбаҳои пирӣ чандин ҳазор хуб аст.
З-ин филакони каҷрав чун рух ба гӯшае ҳам
Эмин наметавон шуд, ҳар чӣ канор хуб аст.
Бар гирди орази ёр чун хат дамид, гуфтам:
Хубӣ чу подшоҳ аст, шаҳро ҳисор хуб аст.
Дар хони шаҳди Ҳотам гар бӯйи миннате ҳаст,
То мардуме наранҷад, худро барор хуб аст.
Ҳоҷӣ насиҳатам дод аз рӯйи порсоӣ,
К-онҷо шикояте ҳаст, саъю фирор хуб аст.

www.kmt.tj

Раҳме набувад бар дилат, эй ёр, магар ҳеч?
Бар хастадилон нест туро майли назар ҳеч.
Ҳарфе зи лаби лаъли ту ҳаргиз нашунидем,
Берун начакад об зи дарёи гуҳар ҳеч.
Умре ҳама шаб наъра бар афлок кашидем,
Маълум нашуд аз пайи як нола асар ҳеч.
Дар коргаҳи қолаби мо нест матоъе
Шоистатар аз доғи дилу сӯзи ҷигар ҳеч.
Дар лоласитон турбати мо боди кӣ бошад,
То ёд диҳад, к-ин дили доғест, дигар ҳеч.
Дар Каъба агар, Ҳоҷӣ, дигар бор биёӣ,
Чун ҳалқа машав аз дари он хона бадар ҳеч.

www.kmt.tj

Не панҷаат зи бастани ранги ҳиност сурх,
Аз хуни теғи бисмили аҳли вафост сурх.
Дар маҳфиле, ки чеҳраи гулнор барфурӯхт,
Андар пиёла духтари раз аз ҳаёст сурх.
Ҳар ҷо асар зи қатраи хуни шаҳиди туст,
Шабнам ба тори мижаи мардумгиёст сурх.
Кошонаам зи мақдами он навбаҳори ноз,
Чун барги лола зулмати он тираҷост сурх.
Бе меҳнате натиҷаи файзи азал куҷост?
Рухсори гул зи хурдани барди шитост сурх.
Рухсори ғарми фитрати аҳли карам мудом
Аз инфиъоли зиллати шахси гадост сурх.
Андар ҳарими васли ту Ҳоҷӣ зи инфиъол
Бо доғи дил чу лолаи хунинқабост сурх.

www.kmt.tj

Агар бар гарданат дастам расо мешуд, чиҳо мешуд?
Гиребонат бари оғӯш во мешуд, чиҳо мешуд?
Ҳама шаб суҳбати агёр дидӣ, як даме бо мо
Агар будӣ, дили мо ҳам ризо мешуд, чиҳо мешуд?
Ба як дидан матоъи сабр кардӣ ҷумла торочам,
Ниқобат гар зи рух якбора во мешуд, чиҳо мешуд?
Шаҳиди дашти уммедам, надорам ҳеҷ, то донӣ,
Агар ин куштаро ҳам хунбаҳо мешуд, чиҳо мешуд?
Бари як бӯса аз кунҷи лабад сад ваъда фармудӣ,
Агар ин қарз бо зудӣ адо мешуд, чиҳо мешуд?
Ғубори доманат аз чашми мо парҳез мегирад,
Саводи мардумакро рушно мешуд, чиҳо мешуд?
Ба ҷойи сабза аз хоки мазорам лола берун шуд,
Чароғоне агар з-он лолаҳо мешуд, чиҳо мешуд?
Ғуборат як нафас, Ҳоҷӣ, надорад сарфаи ором,
Агар саъят чунин баҳри сафо мешуд, чиҳо мешуд?

www.kmt.tj

Хона сияҳ мардуми ҷодут кард.
Рӯзи маро шаб чу шаби мӯт кард.
Шуҳрату овозаи мардафканӣ
Захми ҳаданги ҳами абрут кард.
Он чӣ ба мо рӯт бикард аз ҳазан,
Кулфати зиндон на ба Ҳорут кард,
Рӯйи ту бар оламе омад баҳор,
Бар рухи ман дамдамаи ҳут кард.
Шӯри ҷунун аз лаби мардум баланд
Силсилаи ҳалқаи гесут кард.
Косаи ғам зери сипеҳри кабуд
Ҳукми қазо қисмати носут кард.
Лоласифат доғ бувад кӯҳсор,
Барқи шарар бар дили ёқут кард.
Ҳоҷӣ, чи созам ба ҷаҳон дилхушӣ?
Ҳамнафасон бастаи тобут кард.

www.kmt.tj

Ба лавҳи хотирам то сурати моҳаш мусаввар шуд.
Дил аз ҳайрат гудохт, ойина шуд, дарёи ҷавҳар шуд.
Ғубори тираам аз юмни побӯси кафи пояш
Чаман шуд, бӯстон шуд, сабза шуд, фирдавси ахзар шуд.
Намедонам шаҳиди кистам з-ин рангомезӣ,
Ки хунам лола шуд, марҷон шуду ёқути аҳмар шуд.
Зи рашки он ки наъли по нашуд лаъли Бадахшонаш,
Гиреҳ зад дар дили сангу ҷигархун гашт ахгар шуд.
Дил андар бӯтаи ғам бе ҷамолаш даргудоз омад,
Духон шуд, барқ шуд, гардид хун, аз дидаи тар шуд.
Ба чашми мардуми наззораам ҳангоми дидораш
Сафи мижгон синон шуд, тир шуд, як қабза ханҷар шуд.
Сазад к-аз токи нилӣ гунбади ғабро фузун болад,
Ки фарши Каъба шуд, масҷид шуд, меҳробу минбар шуд.
Гули ранге, ки Ҳоҷӣ дар баҳори умр парвардам,
Хазон шуд, каҳрабо шуд, зард шуд, печиду заъфар шуд.

www.kmt.tj

Ба ҳар ҷо кулфату ғам офариданд.
Насиби ҷони одам офариданд.
Баҳор аз хоки мо файзе бибардор,
Ки ин турбат мукаррам офариданд.
Гули ин ғулситон ранге надорад,
Хазон аст, он ки хуррам офариданд.
Набошад беҳтар андар мулки имкон
Аз ин ҳайкал, ки олам офариданд.
Адамро бо вуҷуди эътиборӣ,
Чу нуру соя ҳамдам офариданд.
Бувад ҳар ранҷро роҳат талофӣ,
Ба доғи лола шабнам офариданд.
Магӯ дар пеши мо аз боғу ризвон,
Аз он ҷоям ба олам офариданд.
Чӣ фахрӣ бо матоъи дуни дунё,
Ки ӯро аз бадӣ кам офариданд.
Зи шавқи саҷдааш, Ҳоҷӣ, зи ҳоҷиб
Ҷабинамро муқаддам офариданд.

www.kmt.tj

То бинои гунбади имкон ҳувайдо кардаанд,
Ҷинси кулфат ҷамъ оварданду дунё кардаанд.
Фарқсозон ҷумла аз асли ҳақиқат ғофиланд,
Варна Зайду Амрро дар хулқ ҳамто кардаанд.
Дар бисоти даҳр ҳар ҷо ҳарфе аз ғам бигзарад,
Бар дили афсурдаи мо ҷумла имло кардаанд.
Сурати мавҳуми мо андар адам афтода буд,
Дар раҳи ҷавлони кӣ ин гард пайдо кардаанд?
Иктисоби файз мосабқи амал вобаста нест,
Меҳру Маҳро аз чӣ рӯ хотир мусаффо кардаанд?
Поси номуси адаб медор дар гулзори ҳусн,
З-ин адо ин боғро муфти тамошо кардаанд.
Фазлро натвон нуҳуфтан, ҳар куҷо гирад камол,
Сояро кай бар сари хуршед барпо кардаанд?
Ин ҳама ташвишу кулфатҳои даврон бас набуд,
Дил парешон бозам аз ахбори укбо кардаанд.
Мешавад ошиқ зи кори ишқи коҳил бениёз,
Қайсро охир халос аз фикри Лайло кардаанд.
Ҳоҷӣ, мурғи хотири моро халосӣ мушкил аст,
Чун гирифтораш ба доми зулфи савдо кардаанд.

www.kmt.tj

То чашми тарам бар рухи зебош назар кард,
Аз оташи дил шуъла ба фонуси қамар кард.
Девона шавад бар сари иқбол наёяд,
Дар кӯи ту ҳар кас, ки ба як бор назар кард.
Ойина ба тимсоли ту чун гашт муқобил,
Зад таъна ба хуршеду сиёсат ба қамар кард.
Аз модари гардун ба чӣ сон меҳр биёяд?
Аз гӯшаи дил меҳр ба ҳар рӯз ба дар кард.
Бо кӯҳ чӣ бигзашт, ки бо он ҳама тамкин
Дар азми сафар домани хунин ба камар кард.
Аз рӯйи ту, Ҳоҷӣ, хабаре ёфт чу булбул,
Шабҳо ба наво дар сари кӯи ту саҳар кард.

www.kmt.tj

Агар он турк майли мо надорад,
Хатое бар хато парво надорад.
Чу Маҷнун то саҳар дар кӯи ӯям,
Назар бар ҳолам он Лайло надорад.
Ба ҷуз савдои ишқаш дар сари мо
Хаёли дигаре савдо надорад.
Ҷамолашро аҷаб нек офариданд,
Ба хубӣ, ғӯиё, ҳамто надорад.
Ба пеши ҳиндуи мардумфиребаш
Назокат наргиси шаҳло надорад.
Чӣ бо ҷавру ҷафо майлофарин аст,
Шиносоӣ ба ҷуз инҳо надорад.
Чунон мастӣ, ки дорад чашми масташ,
Саре дар хилвати мино надорад.
Дили мо он қадар зардоби хун шуд,
Чу ӯ озурдае дунё надорад.
Шунудам ишқ бошад аз ду чониб,
Чаро ӯ ғамхурӣ бар мо надорад?
Аҷамро шоъирони базлагӯянд,
Чу Ҳассони араб асло надорад.
Чу шабнам Ҳоҷӣ пеши Офтобаш
Ба ҷуз кӯи адам маъво надорад.

www.kmt.tj

Бедилӣ чун накунам? Рӯҳ малоле дорад,
Мояи сабр каму шавқ камоле дорад.
Дил дар он турраи шабранг аз он гашт асир,
Ки дар он дом сиёҳдонаи холе дорад.
Ҷуз ба тамкин набувад сояи иқбол баланд,
Офтоб аз сафари хеш заволе дорад.
Шишаи ҳастӣ дар ин бодия бас бишкастанд,
Домани дашт аз ин кӯза сафоле дорад.
Ҷуръат овозабар аз ҷинси хасисон бошад,
Шуҳрате шер аз он аст, ки шаголе дорад.
Осмонро чӣ бувад бо ҳамагӣ умри дароз?
Ба лаб ангушти таҳайюр зи ҳилоле дорад.
Ҳоҷӣ дорад ҳама рӯ дар паси зонуи хиёл,
Бас дар ин шишаи савдо чӣ мисоле дорад?

www.kmt.tj

Он Маҳ, ки ҷафо кард, куҷо кард? Ба мо кард.
Мақтули вафо кард, киро кард? Маро кард.
Аз саъйи рақибон дили арбоби вафоро
Ҳамвора сиёҳ кард, ҷудо кард, чаро кард?
Дилҳои гирифтори хам андар хами гесӯ
Ҳар укда, ки во кард, саво кард, раҳо кард.
Бар хуни шаҳидон назар аз панҷа, валекин
Рангин кафи по кард, ҳино кард, раво кард.
Мурдему аз он турки хитоӣ нашунидем,
К-ӯ тарки хато, салби ҷафо, майли вафо кард.
Як бӯса, к-аз он гавҳари лаб мултамасам буд,
Ин қазя қазо кард, адо кард, баҷо кард.
Аз дуди дилам хома ба ҳангомаи таҳрир
Аврок сиё кард, садо кард, наво кард.
Аз мо чӣ бадӣ дид, ки ҳангоми тақобил
Рухсора қафо кард, ҳаё кард, ибо кард?
Аз бахти сияҳ, толеъи бад ҳеҷ нанолам,
Чун қисмати мо кард, чиҳо кард? Бало кард.
Ҳар кас ки ба гафлат зи накӯёни замона
Уммеди вафо кард, хато кард, чаро кард?
Ҳоҷӣ ба дили хаста шабон то ба дами субҳ
Сад гуна дуо кард, киро кард? Туро кард.

www.kmt.tj

Агар он шӯхи бепарво қадаҳ бо руйи даст ояд,
Ба ҷоми тавбаву тақво зи мастиҳо шикаст ояд.
Баҳорон баҳри истиқбол ҳангоми тамошояш
Гирифта набзи сад гулзор чун товуси маст ояд.
Ду олам аз сувайдои хаёлам маҳв мегардад,
Агар ҳар гаҳ ба ёд он сурати маънипараст ояд.
Зи тири оҳи ман дорад дили гардун хатарнокӣ,
Шикаст андар камон афтад аз он тире ба шаст ояд.
Зи ранги зарди мо аз дил шикастан эҳтиёте кун,
Ки дар моҳи сафар ҳар чӣ шикаст орад, шикаст ояд.
Бинои зиндагонӣ сарфаи нопойдорӣ шуд,
Бувад ин хосият дар тинати ҳар нест ҳаст ояд.
Набошад ҷуз таваккул машраби шоистаи Ҳоҷӣ,
Чу саҳми неку бад аз қабзаи шасти аласт ояд.

www.kmt.tj

Боз ёди он парирӯ хотирам ранҷур кард,
Бар сари дил буд захме, таҳ ба таҳ носур кард.
Ҳар қадар кардам талоши васл, аммо рӯзгор
Луъбатӣ ангехт, аз роҳаш ғуборам дур кард.
Бе ҷафои сабр натвон бар сари роҳат расид,
Бодаро дар хуни худ хуфтан майи пурзӯр кард.
Бигзар аз бесарфагӯиҳо, ки дар базми висол
Гӯшмоле хӯрд қонун, нола бе дастур кард.
Раҳмати вофир насиби он ҷавонмардонае,
Хотири кулфатқаринеро зи ғам масрур кард.
Аз баёзи гардани ӯ дар шабистони висол
Панҷаи моро гуноҳи безарӣ маъзур кард.
Ҳастии мавҳум набвад ғайри гулзори хиёл,
Нақшҳоро маҳв гаштан ҷилваи манзур кард.
Бо карам, гар метавонӣ, соз, к-ин ҷо фурсат аст,
В-арна натвон баъд аз ин дасте баланд аз гӯр кард.
Бе гули рухсори ӯ Ҳоҷӣ саранҷоми баҳор,
Лоларо дар хун кашиду ғунчаро мастур кард.

www.kmt.tj

Маҳтоби рухат пардакушо шуд, чи баҷо шуд,
Чун кавкаби толеъ бари мо шуд, чи баҷо шуд.
Дар пардаи кӯрӣ нигаҳи мардумакам буд,
Ҳангоми тамошои ту во шуд, чи баҷо шуд.
Бошад ҳама кас толиби дидори ту, лекин
Алтофи ту бо аҳли дуъо шуд, чи баҷо шуд.
Гар панҷаи ман бо сари зулфат нарасида,
Бо мӯй миёни ту расо шуд, чи баҷо шуд.
Селоби сиришкам ба сари кӯйи ту ҳар шаб
Тӯфони фано бар сари мо шуд, чи баҷо шуд.
Доғе, ки ба дил донаи холи ту ниҳон кард,
Бар турбати ман лоланамо шуд, чи баҷо шуд.
Шуд умри гиромӣ басару қомати якто
Дар роҳи висоли ту дуто шуд, чи баҷо шуд.
Ҳоҷӣ, ки ба дил дошт туро фикри ғуломӣ,
Муҳтоҷи шумо буд, туро шуд, чи баҷо шуд.

www.kmt.tj

Ҳар ҷо, ки шарҳи хотири моро навиштаанд,
Дуди диле ба дафтари савдо навиштаанд.
Ҳоҷат ба нола нест дигар, булбулон ба боғ
Афғони мо ба рутбаи аъло навиштаанд.
Хиҷлат насиби ғулшани зарди баҳор шуд,
То ранги мо ба сафҳаи ғабро навиштаанд.
Нақши ҳасири паҳлуи афтодагони фақр,
Беҳтар зи фарши атласи дунё навиштаанд.
Ҳар шаб зи оҳи синаи пурдарду доғи мо
Бар Осмон ҳазор алифбо навиштаанд.
Ин ҷо завол пояи арзи камол дошт,
Ин муддаъо ба шоҳиди байзо навиштаанд.
Бар нусхаи баҳор хати насх кардан аст,
Тори раге ба сафҳаи гулҳо навиштаанд.
Ҳарфи тамоми нусхаи айём, алғараз,
Дебочае ба дафтари ғамҳо навиштаанд.
Ҳоҷӣ, зи саъйи дилхушӣ андар маломатам,
З-ин раҳ ҳазор обила дар по навиштаанд.

www.kmt.tj

Намедонам, кадомин соат он дилдор меояд,
Ки ҷони хаста ҳар дам бар лабам сад бор меояд.
Ҳазар, эй муҳтасиб, аз оҳи оташбори муштоқон,
Чу оташ бар хасу хошок бе зинҳор меояд.
Зи тангӣ гӯшаи дил ҳам надорад ҷойи ороме,
Нафас бо сад тапиш мегардаду ночор меояд.
Хушат бод, эй таманно, он бути паймоншикан имшаб
Кулаҳ бишкаста, баҳри рухсати дидор меояд.
Баҳори офият дар боғи имкон нест нопайдо,
Ҳаводис дорад ошӯбе, ки бетакрор меояд.
Барои ганҷи дунё дасту пойи орзу бишкан,
Ки ангушти тамаъ ин ҷо ба коми мор меояд.
Чӣ ҳикмат дар мизоҷи фитрати олист одамро?
Ки шаҳбозест қудсӣ, дар пайи мурдор меояд.
Надорад кори некон холӣ аз ихлос таъсире
Вагарна дузд чун Мансур зери дор меояд.
Зи парвози нафас ҳам роҳате пайдо намебинам,
Ки бо сад тобу таб аз қолаби афкор меояд.
Тавозуъ аз бадон, Ҳоҷӣ, набошад баҳри имдоде,
Ки акраб бо каҷиҳо дар пайи озор миёяд.

www.kmt.tj

Рўят зи шукуфа хуррам омад,
Зулфат чу каманди пурхам омад.
Овозаи чашми рўҳбахшат
Чун шуҳрати тифли Марям омад.
Ҳалвои лабат, ки нўши ҷон аст,
Бе шарбати ў шакар сам омад.
Дар маҷмаъи ҷамъи хушнамоён
Монанди ту хушнамо кам омад.
Ножу, ки ба боғ қад кашида,
Дар пеши қадат каҷу хам омад.
Аз рашки лаби ту лаъл дар кон
Хун гашт, ба рўйи олам омад.
Чашмам, ки зи хоб барнахезад,
Чашмат чу ба хоби чашмам омад.
Ошуфта зи турраи ту сунбул,
Анбар зи хати ту мутҳам омад.
Он дам чӣ дамест, он замон кай?
Гўянд, ки ёри ҳамдам омад.
Ҳоҷӣ, ба тавофи мақдамаш хез,
Чун мавсими хайрамақдам омад.

www.kmt.tj

То он бути танноз ба ман дар сухан омад,
Сад бор равон аз тану ҷон аз бадан омад.
Мо маҳви хаёли санами ҳурмисолем,
К-Озар зи рухаш бутшикану бутфикан омад.
Гуфтораи ман лаззати шаккаршиканӣ кард,
Мазмун бар он пистаи шаккаршикан омад.
Аз ҷинси кудурат чӣ қадар буд дар ин ҷо,
Дар кулбаи ман боиси пинҳон шудан омад.
Эй маҳви тамошо, чӣ қадр ҳарзанигоҳӣ,
Як мижа таммул, ки видоъи Ватан омад.
Аз дил натавон решаи уммед буридан,
Ин реша дар ин боғ аҷаб шахрасан омад.
Бар оарзи гармаш араҷи шарм кабоб аст,
Шабнам натавон бар рухи худ бар шудан омад.
Аз хоби парешон ба чӣ таъбир тавон кард?
Дунё магараш гуфт: ҳамин мумтаҳан омад.
Ҳоҷӣ, натавон тарки ману мои худӣ кард,
Парвози шарар то шикани санги ман омад.

www.kmt.tj

Рӯят ба гулу баҳор монад.
Зулфат ба хати ғубор монад.
Бахти баду толеъи сиёҳам
Бо кокули мушкбор монад.
Бе рӯйи ту донаҳои ашкам
Ҳар шаб ба рухам қатор монад.
Мурдем ба ёди хушдилиҳо,
Диғар ба чӣ ихтиёр монад?
Гуфтам, ки кушам ба ханда. Гуфто:
Ғамро ба куҷо карор монад?
Гуфтам: Бинамой чеҳраам. Гуфт:
Маҳ нест туро дучор монад.
Доғи дили бисмилам, Илоҳо,
Бар синаи рӯзгор монад.
Ҳар чинс бидида муддаъое,
Манро чӣ дар интизор монад?
Коре зи ту, Ҳочӣ, дар замона
Н-омад, ки ба ёдгор монад.

www.kmt.tj

Сиҳиқаде, ки ба як ҷилва интизорам кард.
Асири зулфи сияҳ, чашми сурмасорам кард.
Надошт бар сари ман шеваи вафодорӣ,
Дилам рабуду ба ғам кушту хору зорам кард.
Ало, ситамгари рангинқабои фаррухрух,
Тараҳҳуме, ки аҷал бо ҷафо дучорам кард.
Замона бар сари ман оқибат чӣ меорад?
Кунун чу лола ҷигархуни доғдорам кард.
Ба ҳар даме, ки ҷамоли ту барқи ноз ангехт,
Ҳазор рақси сипанд донаи губорам кард.
Зи чашми шӯхи ҳасудон куҷо бипарҳезам?
Ситора ҳаст, агар чарх эътиборам кард.
Миёни оташам аз озари ҷамол андохт,
Сиёҳтолеъ аз он наргиси хуморам кард.
Зи ранги зарду дили хунгирифтагӣ, Ҳоҷӣ,
Баҳор чун нигарам, ишқ худ баҳорам кард.

www.kmt.tj

Ғуборам то зи гарди домани дилдор гулчин шуд.
Гулистон шуд, чаман шуд, сабз шуд, товуси рангин шуд.
Ба сайри бӯстон он сарви раъно чун хиром овард,
Навои хайрамақдам булбулонро лаҳни талқин шуд.
Ба он турки ситамхӯ, хостам, то рози дил гӯям,
Забон аз бими ҷон дар арзаи аҳвол сангин шуд.
Ба ноаслон равоҷи мулкро додан ситам бошад:
Пиёда роҳи шаҳ ғирад, ба ҳангоме ки фарзин шуд.
Зи дасти худнамоӣ оқибат бар худ зиён кардам:
Фурӯғи шамъ, чандоне ки боло рафт, пойин шуд.
Ба мурдан ҳам ғуборам низ дорад сози нолидан,
Аҷалро дастрас набвад ба кирдоре, ки ойин шуд.
Қазо бар ҷабҳаи иқболи мо, Ҳоҷӣ, чӣ бинвишта?
Ғаму ҳиҷрон насибам соату рӯзи нахустин шуд.

www.kmt.tj

Он маҳ чӣ ҷафо кард? Намекард, накӯ буд,
Ӯ тарки вафо кард. Намекард, накӯ буд.
Пайванди муҳаббат ҳама асбоби маъишат
Бо аҳли дағо кард. Намекард, накӯ буд.
Чун қоъидаи чархи ситамгор ба сӯям
Сад ҳодисаҳо кард. Намекард, накӯ буд.
То кушта шавад мурғи дилам, гашт асираш,
Нокушта раҳо кард. Намекард, накӯ буд.
Чун дидаи оҳу зи тамошои саводам,
Рам кард, чаро кард? Намекард, накӯ буд.
Ҳоҷӣ ба ғаму дарди ту буд аз ҳама фориғ,
Дардаш кӣ даво кард? Намекард, накӯ буд.

www.kmt.tj

Тавсифи хатат то шуда дар гулшани коғаз,
Чун нофа дамад мушк зи во кардани коғаз.
Шояд ки паёми ту бари мо бирасонад,
Маҳкам бигирифтем чу хат домани коғаз.
З-аҳволи дили доғ чӣ таҳрир тавонам?
Сӯзад шарари хомаи ман хирмани коғаз.
Чун ғунча қабо чок зад он пайкари нозук,
Тарсам, шавад озурда зи пироҳани коғаз.
Гардидани рӯзу шабам овард ба сар умр,
Дафтар шавад охир зи шумоadmin коғаз.
Бо содадилон накбати айём набошад,
Ҳаргиз надамад мӯйи сияҳ бар тани коғаз.
Бо хуни ҷигар нома бари ёр навиштам,
Пообила шуд номабар аз бурдани коғаз.
Гар пайкари ӯ шӯхии изҳор намояд,
Ҷавҳар шавад аз ҳайрати ӯ равғани коғаз.
Дидан мадад аз шахси дурӯ амри муҳол аст,
Натвон сипари теғ шудан ҷавшани коғаз.
Ҳоҷӣ, чу қалам чанд ба ҳарфи дигарон умр
Кӯтаҳ кунӣ аз машқи сияҳ кардани коғаз?

www.kmt.tj

Чӣ сон кунам бари он дӯст номае таҳрир?
Ки оби дида равон аст, коғази намгир.
Намонд дар ҷигарам хуну он ситамандеш
Ҳанӯз мекунад ин захмро нишонаи тир.
Куҷо расад ба қабулӣ дуъои беихлос?
Куҷост миннати лаббайк дар садои сарир?
Зи зулм чеҳраи давлат сиёҳ мегарадад,
Чу шом парда кушояд, ҷаҳон шавад чун қир.
Фиреби хотири хурсанд бар ҳамеша махӯр,
Ду субҳ дар пайи ҳам нест бе шаби дилгир.
Набаст касрати асбоб роҳи рафтани умр,
Хироми об нагардид бастаи занҷир.
Ҳазар зи оҳи заъифони дилшикаста кунед,
Шарора кам набувад з-оташи балотаъсир.
Забони хомаи тадбир сахт кӯтоҳ аст
Ба сархате, ки навиштаст котиби тақдир.
Миёни нозуки ӯ дар хиёл агар ояд,
Ба ғайри сурати мӯе намешавад тасвир.
Ба ҳар чӣ, Ҳоҷӣ, дар ин кӯҳсор мебинам,
Дар оташанд чу санғ аз дили шарартахмир.

www.kmt.tj

То куҷо, ё Раб, тақозои сафар дорад баҳор?
Ҳамчу барқ аз тез рафтан як назар дорад баҳор.
Рангҳо з-авроқ бурду бӯйро бар бод дод,
Нусхаи аҷзои худро мухтасар дорад баҳор.
Ғунча лаб дарҳам газиду гул зи ҳайрат ханда кард,
К-аз чӣ савдо ин қадарҳо зебу фар дорад баҳор?
Ҳамчу умри мо аз ин сарманзили беэътибор
Як нафас носуда тамҳиди гузар дорад баҳор.
Имтиёзи халқ андар чеҳраи бикшода аст,
Варна ҳамчун дай ҳамон шому саҳар дорад баҳор.
Зиндагонӣ ку? Вагарна ҷумлаи асбоби айш
Ҳар сари соле муҳайё бештар дорад баҳор.
Аз гиребончокии гул то навои андалиб
Равшан аст ин рамз, доғе бар ҷигар дорад баҳор.
Рухсати наззора доғи ишқбозон тоза кард,
Бар димоғи шахси маҷнун пур зарар дорад баҳор.
Роҳати дунё ба ташвиши дигар олуда аст,
Гарчи дорад савти булбул, бонги хар дорад баҳор.
Бар каримон шеъваи инъом омӯхтодааст,
Неку бадро ҳар саҳаргаҳ гул ба сар дорад баҳор.
Аз синони ғунчаву шамшери хунолуд гул,
Ҳоҷӣ, захми синаи мо бешатар дорад баҳор.

www.kmt.tj

Як нафас аст зиндагӣ, заҳмати ину он мабар,
Мижа фароз то кунӣ, меравӣ олами дигар.
Ёди баҳори тифлагӣ дам ба дамам фузуд ғам,
Лола зи доғи ғунчагӣ карда кулоҳи хун ба сар.
З-офати қилуқол чанд ҷавҳари дил сияҳ кунам?
Ойинаро нафас кунад тира зи занг дар назар.
Охири шаб қиём кун, файзи саъодат офарин,
Маҳ зи муҳоқ аз ин сафар рафт ба олами қамар.
Хотири беғубори ман маҳзари инфиъол шуд,
Бар сари ҳар кӣ ғам расид, аз дили ман кашид сар.
Буд ҳазор имтиҳон, зери лабам хамӯш монд,
Баҳр намекунад бурун аз кафи хештан гуҳар.
Зевари дасти марду зан беҳтар аз ин ду чиз нест,
Аз яке он нисори зар, бар дигаре савори зар.
Дафтари рози синаам ҳамчу китоби субҳидам
Воқеъаи тавол дошт, қисса намуд мухтасар.
Ҷавҳари дил фусурда шуд, то ба ҳазур ворасид,
Шиша ба машқи имтиҳон суда намуд шишагар.
Ҳоҷӣ, ба кӯи дӯстон аҷзи ниёзи мо расон,
Киштии мо шикаста шуд, боди мурод бе асар.

www.kmt.tj

Мебарад ҳуш аз сарам он чеҳраи равшан ҳанӯз,
Чун пари парвона доғам пеши он гулхан ҳанӯз.
Ошиқон аз ҳасрати дидори ӯ худ мурдаанд,
Он ситамгар нест сер аз шеваи куштан ҳанӯз.
Дар кафи хокам ҳамон хосияти рангу вафост,
Лола мерӯяд бурун аз устухони ман ҳанӯз.
Ҳар қадар з-ин мотамистон халқ барҳам мехурад,
Нест табъе мунфаъил аз ваҳшати мурдан ҳанӯз.
То кучо беимтиёзӣ дар чаҳон гирад ривоч,
Ришро фарқе набошад пеши марду зан ҳанӯз.
Худфурӯшӣ пеши он наргис магар бодом кард,
Мезанад бар айнаки ӯ ништари сӯзан ҳанӯз.
Хома то як дам саводи синаам таҳрир кард,
Мехурад хуни сияҳ ҳангоми бинвиштан ҳанӯз.
Ҳочӣ, моро захмҳо бар рӯйи дил носур монд,
Хотири ӯро набошад тарки озурдан ҳанӯз.

www.kmt.tj

Ин қадар омад баландӣ шуҳрат андар номи ноз.
Сабзаи хат медиҳад аз лаъли ӯ пайғоми ноз.
Наргис аз тарзи нигоҳи ӯ хиҷил афтодааст,
Аз кадомин шох бошад, ё Раб, ин бодоми ноз?
То рамақ боқист хотир моили ҷавлони ӯст,
Маҳшари мо низ бошад дар пайи эъломи ноз.
Дар гиребони хаёлам наргисистон хуфтааст,
Умрҳо аз ҷилваи ӯ кардам истифҳоми ноз.
Рутбаи эъҷози ҳуснаш то куҷо сар кардааст?
К-осмон чун моҳи нав дорад хами икроми ноз.
Бе тағофул як нигоҳи гарми ӯро кас надид,
Ҳусни ӯ з-оғози тифлӣ бастааст эҳроми ноз.
Гӯши гардун аз асарҳои ниёзи мо пур аст,
Ҳеч таъсире нашуд ӯро дар истеъломи ноз.
Ҳоҷӣ, дар ёди висоли моҳи бепарвои худ
Ҳолате дорам, ки натвонам шунид иброми ноз.

www.kmt.tj

Умрест, ки аз доғи ту ҳастам ба таби тез,
К-оташ шавад аз шуълаи оҳам арақомез.
Маҳтоби рухат шаб ба фалак дод мисоле,
Ҳар шаб кунад ойина зи анвори ту лабрез.
Дар ҷавҳари некон асари зулму зарар нест,
Аз шуълаи ёқут нахезад шарари тез.
Зарроти ду олам асари ҷилвагаре ҳаст,
Эй дидаи ғафлатзада, бо ёди назар хез.
Мурдему ба тамҳиди муроде нарасидем,
Ин бахти сияҳ кард зи хешам гилаомез.
Бар сурати худ ҳам назаре ҳаст зарурат,
Гар айби ту изҳор шавад з-ойина мастез.
Сомони гудозам натавон кард, ки чун шамъ
Дар оташи дил догаму аз мағз шарарбез.
Бар табъи ту гар шеваи одоб писанд аст,
Ҳар чанд фурӯтар бувадат, беш бипарҳез.
Ҳоҷӣ зи дили хаста ба ҷуз оҳ надорад,
Аз чоки ҷигар нолаву сози дигар ангез.

www.kmt.tj

Булбули шӯридаам, аз нолаи зорам мапурс,
Ранги дар хун рафтаам, дигар зи гулзорам мапурс.
Дил зи ранҷи беқарориҳо ба хун ғалтиду мурд,
Баъд аз ин пурсӣ агар, аз ҳоли беморам мапурс.
Бесуботиҳои ман з-оғози вазъам равшан аст,
Чун нафас бар бод меоям, зи такрорам мапурс.
Улфати мо бо тамошои ҷаҳон бисёр нест,
Ҳамчу барқ аз тез рафтан як назар дорам, мапурс.
Андар ин маҳфил касе аз кори ман огоҳ нест,
Ҳамчу шамъ аз зиндагӣ доғам, зи гуфторам мапурс.
Мову ашк аз манзиле эҳроми рафтан бастаем,
Лағзише дорам, дигар тафтиши рафторам мапурс.
Аз баҳори ҳусн моро бешикебӣ баҳра аст,
Пардадори нолаам, маҳруми дидорам, мапурс.
Умрҳо ойинаи дилро муқобил гаштаам,
Ҳайратафзудам чу тӯтӣ, фаҳми асрорам мапурс.
Дар сари бозори ҳуснат ҳамчу Юсифматлабон
Гарчи бесармояам, аммо харидорам мапурс.
Фикри шаъри навхате, Ҳоҷӣ, хаёлам бурдааст,
З-он баландандешаам, мазмуни ашъорам мапурс.

www.kmt.tj

Ғаматро дили ман макон аст бас,
Ба ҷонам мусоҳиб ҳамон аст бас.
Туро бо ҳама шӯхию шахкашӣ,
Ҳадаф синаам бе гамон аст бас.
Басо умрҳо буд Маҷнун ба хорӣ,
Аз ӯ дарду ранҷам гарон аст бас.
Зи шӯру фиғонам касе нест воқиф:
Ҳамовози ман булбулон аст бас.
Зи дарди дилу оҳи пурсӯзи ман
Мутталеъ бар ӯ осмон аст бас.
Хурӯши ҳазорони фасли ҳамал
Зи сӯзи дилам як фиғон аст бас.
Туро тавсани нози чобуксаворӣ
Дар ин арса дар зери рон аст бас.
Туро гар набошад ба ман майли ёрӣ,
Хаёлат маро ёри ҷон аст бас.
Шабу рӯзи Ҳоҷию даргоҳи ту,
Ба номи ту авродхон аст бас.

www.kmt.tj

Он Маҳ, ки саҳар ҷилва ба тарфи чаман асташ,
Хуршед асири нигаҳи пурфатан асташ.
Не ман ба ҳамон турраи таррор асирам,
Дар ҳар шиканаш баста диле бе расан асташ.
Дар ҳар қадаме кушта шаҳидест ба хун ғарқ,
Бо ҳар тарафе гашта асири зақан асташ.
Он кокули пурчин, ки расида зи бари чин,
Ҳар иқдаи ӯ нофаи Чину Хутан асташ.
Накшуд ба пурсиш лабаму ҷон ба лаб омад,
Тифлест магар бӯйи лабан дар даҳан асташ.
Дар ҳасрати ӯ доғаму доман ба таҳи об,
Ҳодисаи ман қиссаи шамъу лаган асташ.
З-анфоси саҳар ғунчалабон карда ба ханда,
Бодест магар муждадеҳи пираҳан асташ.
Ҳар кас, ки туро диду нашуд мурда, яқин аст
Рӯ карда мазору лаби ғӯру кафан асташ.
Он булбули нолон, ки ҳама шаб ба фиғон аст,
Ҳоҷист, ки ёд аз лаби он гулбадан асташ.

www.kmt.tj

Шафақ бар Осмон болад зи акси пайкари теғаш.
Магар аз хун ҳино баста кафи равшангари теғаш.
Маро дил метапад дар хун, намедонам шаҳиди кист?
Ба ҷуз ранге, ки дорад изтироб аз ҷавҳари теғаш.
Рақиби рӯсияҳ дорад чунон туғёни кини ман,
Ки нагзорад зи хунам сер гардад аждари теғаш.
Чунон бигдохтам чун шамъ пешаш, об гардидам,
Ки ҷойи хун чакад аъзои ман аз ништари теғаш.
Чӣ таъсир аст дар аъзои бетоби хароби манн?
Нашуд фарбеҳ зи хунам ҳеҷ хасми лоғари теғаш.
Зи истиғно нашуд бар торакам як дастандозӣ,
Ниҳодам умрҳо гардан ба ҷойи бистари теғаш.
Ба хунрезӣ чу туркон дидамаш бебок меояд,
Бибояд алҳазар, Ҳоҷӣ, зи бими лашкари теғаш.

www.kmt.tj

Парирӯе, ки дил бастам ба гесӯи гираҳгираш,
Гудозад ҷавҳари ойина аз тимсоли тасвираш.
Тавон ҷон бурдан аз он шахкамони шӯхшангуле,
Ки баста риштаи рагҳои ҷон андар пари тираш.
Санавбар ҳамчу бед аз қоматаш таслим месозад,
Ба гардан обро бошад, зи акси зулф занҷираш.
Агарчи сурма дар вазъи сиёҳӣ шуҳрате дорад,
Ба мижгони қатори ӯ тавон фармуд таҳқираш.
Дарозӣ мекунад аз субҳи маҳшар эътибори ӯ,
Бузургӣ мекунад бар мулки ҷаннат қадри тавқираш.
Диҳад рӯ бехудӣ дар маҷлис аз гардидани соқӣ,
Куҷо дасте, ки гирад навбате дасти қадаҳгираш?
Бувад ҳар лаҳзаи девони Ҳоҷӣ олами ҳайрат,
Ки карда аз баёзи дидаи бедор таҳрираш.

www.kmt.tj

Бувад то сози олам фитнаовоз аст таъсираш,
Садои сури маҳшар метаровад аз баму зераш.
Матоъи симу зар сармояи дунё намебошад,
Ҳамон соат ба гафлат меравад дунёст таъбираш.
Зи ҳарфи тифли абҷадхон фалотунсиратон лоланд
Ба фаҳми нуктае аз сархати давони тақдираш.
Хаёли бандагӣ асбоби иззат бар намедорад,
Ба ғайри оҷизӣ ҳар чи бувад, медор таъхираш.
Аз ин душвортар набвад, ки бо ҳарфи хирадманде
Шавад аблаҳнавое нуктафармову ғалатгираш.
Аҷаб набвад зи авҷи ҷоҳ нодон бар замин афтад,
Бут аз кӯҳи Сафо рафтан кунад эҷоди таксираш.
Ба номардон набошад хиҷлат аз айбу табаҳкорӣ,
Зани ғар бештар ғавғо кунад ҳангоми тақсираш.
Чу най, Ҳоҷӣ, ба сози лола чандоне ки печидам,
Гираҳ дар кор пайдо омаду кам ғашт таъсираш.

www.kmt.tj

Кӣ бошад набошад асири нигоҳаш?
Кӣ набвад ҷигархаста аз гири оҳаш?
Куҷо бар сари мо гузоре намояд?
Чу бошад кавокиб ғуборе зи роҳаш.
Ғамашро ниҳонӣ ба дил доштам,
Ду мижгони хунин баромад гувоҳаш.
Раҳоӣ наёбанд дигар асирон,
Чу печанд бо ҳам ду зулфи сиёҳаш.
Кашида ҳисоре Маҳ аз ҳола бар худ,
Нишинад паси парда аз шарми моҳаш.
Ҳар он кас ба рӯйи ту инкор дорад,
Таҳаммул насозад туро з-ӯ гуноҳаш.
Ба ширинии ҳуснат имрӯз Ширин,
Шуда шаккарин лаъл чу пажмурда коҳаш.
Зи шарми нигоҳаш ба хиҷлат нишаста
Гули наргиси шӯхи зарринкулоҳаш.
Бувад Ҳоҷӣ миннаткашӣ ин дуъо,
Ки алтофт Эзид бубахшад гуноҳаш.

www.kmt.tj

Навид, эй дил, ки фирдавси висолаш,
Паёми васл миорад шамолаш.
Шавад гул об чун шабнам барояд,
Бирезад то ба ғулзори ҷамолаш.
Саҳар Хуршед аз он дар тоб ояд,
Зи доғи кавкаби фархундафолаш.
На ман бо хӯйи худ ҳастам ғирифтор,
Ишора мекунад бар ман ҳилолаш.
Чунон саргарми ҷанг аст он ҷафоҷӯ,
Гиребон медарад бар ман хаёлаш.
Зи ғайрат, дидани он ҳам надорам,
Ки дар ойина бинмояд мисолаш.
Хасу хошок зарринтоб карданд,
Зи нури чеҳраи хуримтисолаш.
Таманноят ба ҳар хотир бирезад,
Дамад гул аз гиребони хаёлаш.
Дигар Ҳоҷӣ таманное надорад,
Ба ғайр аз он, ки дорад зулҷалолаш.

www.kmt.tj

Шӯхе, ки бувад фитна дар оғӯши ниқобаш,
Мушкил, ки расад дасти таманно ба рикобаш.
Бе оrази ӯ лола чаро доғ набошад?
Хуни ҷигар омехта дар косаи обаш.
То накҳати зулфи ту ба гулзор расида,
Сунбул дамад аз шишаи пур карда шаробаш.
Бо ишқи Зулайхо ба роҳи таън барояд,
Он к-ӯ, ки чу Юсиф саҳаре дида ба хобаш.
Аз хиҷлати рухсори арақноки ту мино
Дам нозада резад ба Замин хуни шаробаш.
Натвон Қамар омад ба ҷамоли ту муқобил,
Табхола диҳад бар лаби хур шӯхии тобаш.
Ҳоҷӣ чу қалам баста камар баҳри ғуломӣ,
Дар ҷурму гунаҳ гир ба подоши савобаш.

www.kmt.tj

Мекунад гирди рухаш он турраи таррор рақс,
Мӯй чун дар оташ афтад, мекунад ночор рақс.
Ҳар куҷо аз ноз агар он Моҳ созад ҷилвае,
Мекунад аз завқи шодӣ сурати девор рақс.
Баҳри саъйи дилхушӣ асбоби ҷамъият маҳоҳ,
Бе дафу най мекунад чугдак ба кунҷи ғор рақс.
Бо гирифторони золим ҷуз тамаллуқ чора нест,
Мекунад дар чанги шоҳин кабки хушрафтор рақс.
Фитнабозонро набошад аз адаб сози сулук,
Нест аз тасбеҳхонӣ дар забони мор рақс.
Ҳеч натвон аз сари дунё ба осонӣ гузашт,
Умрҳо дорад дар ин ҷо гунбади даввор рақс.
Ихтиёрӣ нест моро ин ҳама саъю талош,
Медиҳад хошокро гирдоб бе зинҳор рақс.
Ҳоҷӣ, моро беқарор он партави рухсор кард,
Мезанад парвона гирди шамъи оташбор рақс.

www.kmt.tj

Аз орази туст бо зиё хат,
Дар чеҳраи туст хушнамо хат.
Бо рӯйи ту беибо давида,
З-он беадабист рӯсиёҳ хат.
То даъвии мо ба қатъ созад,
Бинмуда рухат аз он ба мо хат.
Бо хубии ту муқобиле нест,
Дорӣ ба кадом муддаъо хат?
Дуди дили мо гирифта рӯят,
З-он карда баланд решаҳо хат.
Дар нусхаи ҳусни ту ғалат нест,
Ё Раб, чӣ кашида давра бо хат.
Умеди халосам аз хатат буд,
Шуд рӯйи туву адӯи мо хат.
Ағёри туро хати ғубор аст,
Бар дидаи мост тӯтиё хат.
Шуд синаи ман ҳазорреша,
То шуд ба рухи ту ошно хат.
Ҳоҷӣ, бувад он даме, ки бинам
Гардида зи рӯйи ӯ ҷудо хат.

www.kmt.tj

Аблаҳонро ғайри тан парвардан аз дунё чӣ ҳаз?
Ғайри шаҳват бо харон аз пешаи тақво чӣ ҳаз?
Ҳеҷ ғаҳ аз гӯши қонун бар наёмад нолае,
Мардуми нофаҳмро аз суҳбати доно чӣ ҳаз?
Гар набошад сӯзи дил, зоҳир надорад эътибор,
Шамъро ҷуз тангудозӣ з-оташи боло чӣ ҳаз?
Моли дунё бо сабукборон намегардад қарор,
Бо ҳубоби пучмағз аз резиши дарё чӣ ҳаз?
Ашки хунин гар надорӣ, дида ҳам даркор нест,
Бе шароби арғувонӣ аз хуми мино чӣ ҳаз?
Ҳайфе он умре, ки дорад мавлавӣ сарфи назар,
З-ин фунуни сафсата, ё Раб, ба ин мулло чӣ ҳаз?
Чанд баҳри обрӯ бар ину он рӯ оварӣ,
Эътиборе нест ин ҷо, эй адампаймо, чӣ ҳаз?
Корвони умр, Ҳоҷӣ, меравад бо сад шитоб,
Раҳнавардонро зи тарҳи манзилу маъво чӣ ҳаз?

www.kmt.tj

Эй гуҳарат мазҳари сунъи бадеъ,
Аз шарафат шуҳрати хубӣ рафеъ.
Бар дари ту рӯй аз он оварам,
Нест касе бар гунаҳи худ шафеъ.
Бастаи доми сари зулфи туанд,
Мурғи дили тозахаёлон ҷамеъ.
Тавба чаро бар лаби худ нашканам?
Вақти сабуҳ асту сабоҳи рабеъ.
Завраки табъам ба ями мидҳатат,
Тез равон аст чу баҳри сареъ.
Танғ макун машраби мо, муҳтасиб,
Дар гунаҳат бахшиши Яздон васеъ.
Меҳри ту лутфе, ки ба мо мекунад,
Шафқати марзаъ накунад бо разеъ.
Ҳоҷӣ ба ёди хами абруи ту
Кард тавозуъ ба шарифу вазеъ.

www.kmt.tj

Зад оташи ишқат ба дилу кард нишон доғ,
Барқ аз дили ман ҷаст, ки шуд лоласитон доғ.
Дил қобили пӯшидани асрор нагардид,
Натвон, ки шавад дар варақи лола ниҳон доғ.
Инкори муҳаббат натавон кард, ки бошад
Нақши сияҳи обила бар сӯхтагон доғ.
Танҳо на ҳамин кулфати худ дод гудозам,
Чун шамъи мазорам ба азои дигарон доғ.
Оҳи ҷигари хастадилон сахт балоест,
Пайдост, ба ҳар ҷо гузарад барқи дамон, доғ.
Мардум агар аз табъи данӣ гилла намоянд,
Моем, ки ҳастем зи фикри ҳамадон доғ.
Аз гармии рухсори ту ҳарфе натавонам,
Чун шуълаи оташ кунад ӯ кому забон доғ.
Бар меҳри касон, Ҳоҷӣ, макаш ранҷ, ки Хуршед
З-ин пеша шуда бар сари ин кухначаҳон доғ.

www.kmt.tj

Ҳар куҷо гар бигзарад мавҷе аз он гирдоби теғ,
Метапад дилҳо чу моҳӣ дар хами қуллоби теғ.
Аз тавозуъ дастгоҳи ҳукмрониҳо расост,
Метавон ин нуктаро фаҳмид аз одоби теғ.
Заҳмати уммедворӣ аз ситамкорон макаш,
Ҳеч касро об дар ҷӯ нест аз селоби теғ.
Ҳар касеро тоқи абрӯи ту бошад дар назар,
Оқибат гардан шавад назри хами меҳроби теғ.
Суҳбати арбоби дунё холӣ аз озор нест,
Захмро омода бошад гардани ҳамхоби теғ.
Сози таслими дуруштон фитна пайдо мекунад,
Пайкари фӯлод хам гардид, шуд асбоби теғ.
Ҳеч кас тухматкашӣ осори бераҳмӣ мабод,
Хун диҳад бар ташнагони Карбало асҳоби теғ.
Чашми беморат ба хуни бегуноҳон хуфтааст,
Абруи хамгаштаатро фитнаҳо дар хоби тег.
Пардаҳои нолаи мо бедилон мавқуф кард
Нохуни тезе, ки бераҳмона зад мизроби теғ.
Бе сиёсат нест, Ҳоҷӣ, кори оламро низом,
Фитнаро бошад қарор аз ваҳшати арбоби теғ.

www.kmt.tj

Эй чу мӯйе туро миён нозук,
Мӯй ҳам нест ончунон нозук.
Набувад ҳамчу қадду чеҳраи ту
Қомати сарву арғувон нозук.
Накҳати кокули сумансоят
Бошад аз мушки зумарон нозук.
Нозукӣ, ҳар чӣ дар баён дорӣ,
Лутфи маънист аз баён нозук.
Дилбарон гар латофате доранд,
Ҳастӣ аз ҷамъи дилбарон нозук.
Нармии пайкари гуландомат
З-атласи Руму парниён нозук.
Ғунча оҳиста лаб чу бикшояд,
Гӯяд аз ту ба гулситон нозук.
Ҳоҷӣ, табъам ба дастгоҳи сухан
Ғашта аз фикри он лабон нозук.

www.kmt.tj

Медиҳад ёди хиромаш шӯхии рафтори кабк,
Мастии чашми хумораш дидаи бемори кабк.
Бесуботиҳо ки дар қонуни имкон дидааст,
Меравад бар сози қаҳқаҳ пардаи асрори кабк.
Бар хамӯшӣ зан, ки ҳарф ин ҷо дучори офат аст,
Мекушояд чанги шоҳин хандаи бисёри кабк.
Бурд бозам аз худу якбораам девона кард,
Чаҳ-чаҳи гулзори булбул, қаҳқаҳи кӯҳсори кабк.
Гарчи аз паҳлуи нарми хеш бо абнои даҳр
Мехуронад, нест розӣ шахсе аз атвори кабк.
Нотавононро намудан моли худ доми балост,
Синаи исфед бошад боъиси озори кабк.
Ҳоҷӣ, мо аз нармхӯӣ ранҷи меҳнат мекашем,
Домҳо хамёза дорад дар пайи рафтори кабк.

www.kmt.tj

Ба ҳар ҷо гар фитад з-он нақши по гул,
Ватан гирад ба хокаш чашми булбул.
Ғубори доманат аз софкорӣ
Чу шабнам тоза дорад хотири гул.
Намонда дар дилам оҳ, эй ситамкеш,
Ҳанӯзам медиҳӣ заҳри тағофул.
Ҳамеша хотират парҳез дорад
Зи оҳи нолаи ман бе таъаллул.
Маро дар даври ҳуснат кор гашта
Чу кокул уқдаву давру тасалсул.
Туву дар бистари нозофаринӣ,
Ману дар хоки хорӣ бо таҳаммул.
Хат аз сабзию зулфат аз сиёҳӣ
Шикаста гардани райҳону сунбул.
Ба пеши чашми хумморат бирезад
Чу хуни бетамизон шишаи мул.
Ғуломи сарви озодат набошам,
Ки чун қумрӣ ба дӯшам кардаӣ ғул.
Хиҷолатмашрабам, Ҳоҷӣ, зи ҳастӣ.
Чӣ уммедам ба сомони таваккул?

www.kmt.tj

Эй баҳорон, аз сари нав тоза кун унвони гул,
То ниҳам як дам сар андар бистари алвони гул.
Гар нагаштӣ лола хун дар домани саҳрои боғ,
Андалебонро куҷо будӣ хабар аз шони гул?
Худ мурувват посдори ҷавҳари некон бувад,
Варна кас асло нахоҳад дар талаф товони гул.
Ин қадар шуҳратбаландиҳо кай овардӣ ба бор?
Гар баҳоронро набудӣ чеҳраи хандони гул.
Баски дорад ин чаман аз лоларӯён зери гул,
Медарад чоки гиребон ғунчаи домони гул.
Мардуми саҳронишин аз одамият фориғанд,
Луқмаи ноне нахӯрда ҳеч кас аз хони гул.
Созгори даври олам нест фикри дилхушӣ,
Фаҳм бояд ин сабақ аз саҳфаи ҳайрони гул.
Ҳоҷӣ, сози навбаҳорон сар ба сар ибратнавост,
Нолаи булбул бувад аз ранги бесомони гул.



www.kmt.tj

Шабе дар ҳаҷри ту будем бо дил,
Фиғон медоштам, оҳу наво дил.
Фидоят то шавам, ҷон пештар шуд,
Диҳам дил то ба дастат, шуд туро дил.
Ба дарде метапам, аммо хамӯшам,
Нафас берун наёвард аз ҳаё дил.
Надорам мӯнисе, то роз гӯям,
Ниҳонӣ ҳам бирафт аз пеши мо дил.
Зи дарди беқарори мо мапурсед,
Қиёмат мекунад ҳар дам ба мо дил.
Зи мо якбора дорад дургардӣ,
Аз он вақте туро шуд ошно дил.
Нашуд танҳо нафас дар синаам хун,
Зи ҳар мӯям раги хунест то дил.
Хаёли ёрмандӣ аз дилам буд,
Бишуд ёри туву аз мо ҷудо дил.
Биё, Ҳоҷӣ, ба ҳам дамсоз гардем,
Ки кори дил ҳаме уфтода бо дил.

www.kmt.tj

Эй чашми ту дебочаи унвони тағофул.
Абрӯи ту бисмиллаҳи девони тағофул.
Умрест, ки овораи саҳрои ҷунунем,
Чун зулфи ту шуд силсилаҷунбони тағофул.
Ё Раб, чӣ фусун мардуми чашми ту дамида?
Чун муъҷиза шуд боъиси имони тағофул.
Аҳде нанамудӣ, ки дар он дам нашикастӣ,
Чун аҳди ҷафокешию паймони тағофул.
Уммеди нигоҳи ту дар ин базм кӣ дорад?
Бошад ҳамаро дида ҳаросони тағофул.
Бояд ки қазо хуни шаҳидони ту созад,
Бешубҳа, ҳама лозими товони тағофул.
Дилҳо ҳама дар оташи шавқи ту кабобанд,
Ҷонҳо шуда ошуфтаву ҳайрони тағофул.
Ҳар чанд ҷафои ту ҳаёти дилу ҷон аст,
З-ин беш макун пешаи худ шони тағофул.
Ҳоҷӣ, нарасидем ба домони висоле,
Дасти ману дигар ба гиребони тағофул.

www.kmt.tj

Медиҳад аз тарзи рӯяш оташи рухсори гул,
Дида бояд об шуд аз гармии дидори гул.
Дар ҷаҳони рангу бӯ асбоби ҷамъият куҷост?
Ҷуз парешонӣ надорад шӯхии изҳори гул.
Ҳар куҷо з-он сунбули мушкин ҳикоят рафтааст,
Медамад мӯйи сияҳ рагҳои зарринтори гул.
Нозанинон баски дар хоки мазаллат хуфтаанд,
Реша бар хок аст, ҳар ҷо сар занад осори гул.
Сӯзи оҳи ошиқон аз дарди доги хеш нест,
Нолаи булбул бувад аз рафтани ночори гул.
Тӯдаи хокам тамошогоҳи он гулгунқабост,
Мекунад бе тухм коре гулшани атвори гул.
Ҳар чи меояд дар ин гулшан, дили хунгаштааст,
Бе қумоши гунча набвад пардаи зангори гул.
Ё Раб, ин гулшан зи шавқи дидани дидори кӣ
Ҳамчу чашми интизорон кардааст изҳори гул?
Кулбаи моро ҷамоли он бараҳманзода кард
Ҳамчу з-айвони савобит олами анвори гул.
Баски, Ҳоҷӣ, дар фироқи гулъузоре мурдаам,
Мешавад во аз мазорам ғунчаи тӯмори гул.

www.kmt.tj

Дилро ба хами зулфи сумансош бибастам.
Савдозадаро боз ба савдош бибастам.
Чун қатра дилам кард ба гесуш гаронӣ,
Бар хок бияфтод, ба сад ҷош бибастам.
Шуд рӯзу шабам дар сари андӯҳу маломат,
Маҷнуни киям, дил ба чӣ Лайлош бибастам?
Дастам бишуд аз даст, наям доғ, валекин
Доғам чу камар бар камараш кош бибастам.
Бо ваъдаи имрӯз наям имрӯз сияҳрӯз,
Фардост, ки дар ваъдаи фардош бибастам.
Додам дилу дилдор чаро дод надодам?
Сад дод, ки дил бар чӣ таманнош бибастам?
Қойим ба сарам шӯри қиёмат зи қиёмат
Пайдост дамодам дами ғавғош бибастам.
Шуд об чу симоб нигоҳам зи табу тоб,
То ки нигаҳи гарм ба симош бибастам.
Ҳоҷӣ, ба чӣ сон Каъбаи мақсуд тавофам?
Саъй обила гашту ба кафи пош бибастам.

www.kmt.tj

То дида ба қадду рухи зебош бибастам.
Аз дидани сарву гули раънош бибастам.
Нури назарам рафт зи шавқи назари ӯ,
Шуғлест, ки аз манзари дунёш бибастам.
То дил натапад дар шабаки зулфи сиёҳаш,
Чун тойири ваҳшӣ ҳама аъзош бибастам.
Андӯҳи қиёмат ҳамагӣ рафт зи ёдам,
Хотир чу бар он фитнаи болош бибастам.
Чун сели дамодам шуда тӯфони сиришкам.
Бунёди ҷасад бурд, ба сад ҷош бибастам.
Бӯсидани таҳти кафи ӯ дошт ба роҳам,
Бигзашту тамаъ бар асари пош бибастам.
Ҳоҷӣ, натавон аз ғами ӯ ёфт халосӣ,
Мурғест диломӯз, ба дил ҷош бибастам.

www.kmt.tj

Рафтему ба гулзори вафое нарасидем,
Чун соя дивидему ба ҷое нарасидем.
Аз ҷавҳари дил зулмати зангор зудудем,
З-ин шишаи ноқис ба лиқое нарасидем.
Дидем ҷаҳонро ҳамагӣ хоби парешон,
Дар хоб гузаштему ба ҷое нарасидем.
Монанди сиришкам ҳама аз дида бадар кард,
Як мижа ба имдоди асое нарасидем.
Ин маъракаи даҳр, ки тӯфони балоест,
Аз ҷаҳди тапидан ба шиное нарасидем.
Ҳамчун магасон дастзанонам ба сари худ,
Аз панҷаи кӯтаҳ ба дуъое нарасидем.
Куҳсори вуҷудам ҳама бар боди фано рафт,
Чун сурма ба тамҳиди садое нарасидем.
Фарёд, ки дил аз бари мо кард ҷудоӣ,
Бедил шудаву ба дилрабое нарасидем.
Ҳоҷӣ, ҳама умре ба бару баҳр гузаштем,
Чун обилаи по ба сафое нарасидем.

www.kmt.tj

Дар ҳаҷри ту то кай мани бемор бигирям?
Дар ҳар сари роҳу паси девор бигирям?
То сели сиришкам бирасад дар гузари ту,
Чун абри ҳамал дар сари кухсор бигирям.
Ҳамчун мижа дар пеши касон чанд бигирям?
Бар хеш ниҳон гиряму бисёр бигирям.
Ночида гуле з-ин чаманистон ҳама рафтанд,
Шабнам шуда, ман бар сари гулзор бигирям.
То чанд зи ёди гунаҳ орам араки шарм?
Чун катра шавам обу ба якбор бигирям.
Гар сабкати афви ту набошад ба гуноҳам,
Суде надиҳад, гар ҳама дам зор бигирям.
Эй қофилаи умр, куҷо тез равонӣ?
Оҳиста гузар, то мани афгор бигирям.
Ҳоҷӣ ба ҳарам рафту бишуд дидаи ман чор,
Бе зодаму роҳила, ба ночор бигирям.

www.kmt.tj

Эй дӯст биё, дар қадамат зор бигирям,
Ту ханда куну гӯ, ки чӣ миқдор бигирям?
Кас нест, ки тимори маро бар ту расонад,
Бар бекасии хешу ба тимор биґирям.
Эй маҳмили Лайлӣ, нафасе соз таҳаммул,
То қиссаи Маҷнун кунаму зор бигирям.
Аз суҳбати мардум чи тавон ёфт. Ки чун шамъ
То субҳ ба доғ афтаму бедор бигирям.
Эй нури нигаҳ , дида ба тӯфони фано рафт,
Гирям бас агар, бар дили афгор бигирям.
З-ин баҳр, ки сомони гуҳар нест касеро,
Доман кунам аз ашк гаронбор, бигирям.
Ҳоҷӣ, зи гами он ки агар зор бимирам,
Бехона шавад дарду ғами ёр, бигирям.

www.kmt.tj

Бе рӯйи ту ҳар куҷо нишастем.
То тирагӣ чун Суҳо нишастем.
Гуфтӣ, ки чу Маҳ барояд, оям,
Маҳ омаду рафту мо нишастем.
Саҳл аст, ба мо ту аҳл гардӣ,
Ойӣ, бари марҳабо нишастем.
Зоҳид бинишаст рӯ ба қибла,
Мо бар ҷиҳати шумо нишастем.
Андар пайи он нигори чолок,
Эй дил, ту бирав, ки мо нишастем.
Ҳар ҷо, ки хироми ҷилваи ӯст,
Чун соя ба накши по нишастем.
Чун ашк зи манзари таманно
Рафтем, ба хок то нишастем.
Аз ваҳшати даҳр дар ҷавонӣ
Ҳамчун Маҳи нав дуто нишастем.
Чун соя ба пойи ҳамнишинон
Рафтему ба ҳар куҷо нишастем.
Ҳоҷӣ, зи ғами замона умре
Ҳасраткашу мубтало нишастем.

www.kmt.tj

Тарфи рӯят баҳор мебинам.
Турраатро чу мор мебинам.
Наргиси пурхумори шаҳлоят
Фитнаи рӯзгор мебинам.
Мижагони қатори хунрезат
Ханҷари обдор мебинам.
Аз касон бар канор мегирам,
Кай туро дар канор мебинам?
Чун ба аҳди ту эътиборе нест,
Аз ту чун эътибор мебинам?
Дар баҳорон ба ранги ҳоли дилам
Лоларо догдор мебинам.
Ҳамчу ҳиҷрон надонам андар васл
Аз чӣ дил беқарор мебинам?
Дил ба савдои зулфи ӯ бастан
Кай ба худ ихтиёр мебинам?
Ҳоҷӣ, аз кардаҳои нодонӣ
Хиҷлати садҳазор мебинам.

www.kmt.tj

Ба ту, эй нигори ширин, гилаву гузор дорам,
Ки нагуфтӣ ҳеч гоҳе, ба дарат чӣ кор дорам?
Ба дурӯза умр натвон ғами интизор гӯям,
Ки ба ҳашр тай нағардад, ҳамаро шумор дорам.
Раҳи нола чун тавонам, ки кунам ба фикр кӯтаҳ?
Ки чу най фиғон кашидан на ба ихтиёр дорам.
Ба уруҷи Осмон ҳам чу ҳилол агар бар оям,
Зи сари ниёзу таслим ҳама иштиҳор дорам.
Ба хаёли ҷилваи ӯ ҳама рӯз шом кардам,
Ба умеди ваъдаи ӯ ҳама шаб наҳор дорам.
Туву сад ҳазор чун манн, ба яке ғаме надорӣ,
Ману дар хаёли як ту ғами сад ҳазор дорам.
Ба касе ҳикояти ту, ба ҳама ҷафо, накардам,
Ту агар шикояти ман кунӣ, ифтихор дорам.
Ба ту арзи ҳоли дилро нанамудам ошкора,
Агарам ба хоб оҳе дамад, эътизор дорам.
Туву аз ҷафо нагуфтӣ, ки чӣ ҳол дорӣ, Ҳоҷӣ?
Ба ту, эй нигори ширин, гилаву гузор дорам.

www.kmt.tj

Нашъаи файзе зи субҳи рӯзгори Бедилам,
Қатраи ашке зи чашми интизори Бедилам.
Пой то сар з-оташи дил аз таби шавқам гудохт,
Ҳамчу шамъи ашкрезон бар мазори Бедилам.
Бе мурувват магзар аз мо, рутбаи аҷзам шинос,
Гарчи товоне надорам, хоксори Бедилам.
Аз гарониҳо сарамро тоқати зону намонд,
Оламе савдо ба сар, девонавори Бедилам.
Донаи дил зери гардун файзи сарсабзӣ надид,
Солҳо дар хоксорӣ хаставори Бедилам.
Корвони мо куҷо бар манзили мақсад расад?
Нақши по, афтодае дар раҳгузори Бедилам.
Хотири мо, Ҳоҷӣ, бар асбоб ҷамъият насохт,
Варна ман ҳам софтабъе аз шумори Бедилам.

www.kmt.tj

Хотир аз ёди тамошои ту пургул дорам,
Дили ошуфта аз он турраи сунбул дорам.
Нест бар фаҳми даҳони ту, ки чун ҷавҳари фард
Бирасам ҳар қадар, асбоби тааммул дорам.
Дастаи зулфи ту ҳар гоҳ фитад дар дастам,
Кай ҳавас бар гиреҳи дастаи сунбул дорам?
Ҳамчунон фохта дар кӯйи ту ку-кугӯён
Ба таваллои ту сад нола чу булбул дорам.
Ҳамчунон зулфи ту, чандон ки назар кор кунад,
Дили печида ба сад даври тасалсул дорам.
Ҳар қадар сангзанон санг ба ман андозанд,
Ҳамчунон домани кӯхсор таҳаммул дорам.
Ҳоҷӣ, натвон шарафи суҳбати ӯ бо шоҳӣ,
Магар аз нисбати тақво, ки тавассул дорам.

www.kmt.tj

Саҳар азми тамошои гули ин гулситон кардам,
Зи ранги зард бо авроқи гул нақши хазон кардам.
Чӣ созам, ки ба оҳу нолаву афғон напардозам,
Чу Маҷнун хешро ошуфтаи Лайливашон кардам.
Ба рӯзи бад бияфтад оқибат шахси қарини бад,
Чи созам, кавкаби толеъ ба бахти бад қирон кардам.
Зи нурафшонии маҳ фитна дар таври сагон афтад,
Абас худро барои ҳосидон лавҳи нишон кардам.
Бибояд хуни дилро чун шафақ шому саҳар хӯрдан,
Ки худро чун ҷудо аз Каъбаи доруламон кардам.
Магӯ, Ҳоҷӣ, чаро аз кӯи ӯ охир ҷудо гаштӣ?
Ки буд ӯро тақозо инчунин, ман ҳам чунон кардам.



www.kmt.tj

Хушо вақте ба ёдат мурғи тоқат мепарид аз ман,
Чу бисмил боли дил дар хуни ҳасрат метапид аз ман.
Ба пешаш гиряҳо кардам, нагуфто: баҳри чи гирйӣ?
Чӣ мешуд, оҳи бетобона ғоҳе мешунид аз манн?
Ту мерафтию ман чун нақши по бар хок мехуфтам,
Вале пайки сиришк андар қафоят мерасид аз ман.
Ҳам аз огози тифлӣ он бути шангули бепарво
Чу аз нақши паланг оҳуи ваҳшӣ мерамид аз ман.
Шаби ҳичрон, ки ёди он гули рухсор мекардам,
Ба ҷойи қатра хун аз чашми ҳасрат мечакид аз ман.
Чу тир аз ростӣ бо ҳар кӣ сар дар банди ӯ кардам,
Сар аз сози тамаррудчун камони кач кашид аз ман.
Тавофи остони кист, Ҳоҷӣ, завқи эҳромам?
Ба гаштан сарф шуд, ҳар ҷо ғуборе шуд падид аз ман.

www.kmt.tj

Эй шаҳ, назаре ба ин гадо кун,
Раҳме ба ғарибӣ бенаво кун.
Сад бор хилофи ваъда кардӣ,
Охир ба ғалат яке вафо кун.
Ҳарчанд хилофи одати туст,
Ин одати зиштро раҳо кун.
Мо бо ту ҳамеша хайрхоҳем,
Ту бо ситаму ба мо дағо кун.
Айбе набувад ҷафот бар ман,
Андеша вале ту аз Худо кун.
Бар ҷойи дигар ҷафот ҳайфам
Ояд, чу кунӣ, ба ҷон мусо кун.
Бо хайли рақиб ишқ ронӣ,
Бар ман ба ғалат ҳисобҳо кун.
Гарчи шудаем н-ошно мо,
Як бор ба номам ошно кун.
Ҳастем ғадои бенавоят,
Шоҳӣ туву мо башар, дуъо кун.
Бошад чӣ даме, ки гӯйӣ, Ҳоҷӣ,
Пашам бинишин, қабо қафо кун.

www.kmt.tj

Ҳайф аст ба айби дигарон чашм кушудан,
Ойинасифат пеши касон соф намудан.
Ҳар дона, ки киштем дар ин мазраъи ҳирмон,
Бе хӯша бишуд қобили як бор дурудан.
Дардо, ки дил аз кулфати айём ба ғам буд,
Сад гуна ситам кард ба ӯ майли фузудан.
Ҷамъияти дил бурд зи мо ҳарзанигоҳӣ,
Доғам, ки чаро мижа нашуд сарфи гунудан?
Афъисифат аз заҳри забон бар дили мардум
Зулм аст ситамномаи ташвиш кушудан.
Моро ба хиҷолаткадаи олами идбор
Монанди магас панҷа кушоданд ба судан.
Пайдоии мо сурати аҷз аст чу абру,
Ҳусн аст зи мо пайкари таслим намудан.
Нософии дилро набувад ҳеч илоҷе,
Аз санги сияҳ тирагӣ натвон бизидудан.
Сармояи ҳастист видоъи нафасе чанд,
Ҷое, ки туйӣ, Ҳоҷӣ, мадон шеваи будан.

www.kmt.tj

Биё, эй равнақи гулзору гулшан,
Ки гул бе ту дарида ҷома бар тан.
Маҳ аз шарми ҷамолат доғдоре,
Хур аз тоби рухат як пора гулхан.
Ман аз ту ҳеч осонӣ надидам,
Ту, ҳар чӣ буд, осон бурдӣ аз ман.
Маро чун душманон пиндор кардӣ,
Надорӣ фарқ, гӯё, дӯсту душман.
Мусаллам бо ду зулфат дилрабоӣ,
Муҳаққақ бо ду чашмат фитна кардан.
Танат оё магар аз сими соф аст?
Дилат оё магар лахте зи оҳан?
Саропо сӯхтам бо гиря чун шамъ,
Нашуд доғи дили бечора равшан.
Зи оҳи оташини мо бипарҳез,
Бувад барқ офатангезони хирман.
Чу дилро дар шиканҷи зулф бастам,
Ту ӯро чун шиканҷи зулф машкан.
Агар дил бо касе дигар надорӣ,
Чаро майле надорӣ ҳеч бо ман?
Закоти ҳуснро бахшо ба Ҳоҷӣ,
Ба ғайри ӯ набошад сарфаш аҳсан.

www.kmt.tj

Айёми зиндагонист нақше бар об рафтан,
Чашме пуроб кардан, ҳамчун ҳубоб рафтан.
Таҳқиқи бесуботӣ дигар масал надорад,
Ҳамчун шарар дамидан, бо изтироб рафтан.
Аз қомати хамида миёяд ин ишора,
Бигзаштааст ҷавонӣ, бояд шитоб рафтан.
Дар зери бори ҳастӣ ҷуз маҳмили нафас нест,
Дорад ҳавосаворӣ бе иҷтиноб рафтан.
Дар арзи нотавонӣ андешаи бало нест,
Бар соя нест биме аз рӯйи об рафтан.
Ҳангоми давлат омад, аздод дар муқобил,
Худ соя медамонад дар Офтоб рафтан.
Зулмат ба табъи шоҳон бар оламе зиён аст,
Рӯзе сиёҳ орад Хур дар саҳоб рафтан.
Оҳанги нотавонӣ з-ин тангно бибояд,
То ҳамчу нолаи най бе эҳтисоб рафтан.
Ҳоҷӣ, мадори ҳастӣ то бо адам ҳамин аст,
Як мижа во намудан, чашме ба хоб рафтан.

www.kmt.tj

Эй гул оғушта ба хун аз ғами раънoии ту,
Сунбул ошуфтаи он турраи савдоии ту.
Кист он к-ӯ ба ту як лаҳза мусоҳиб гардад,
Хуни дилро нахӯрад аз ғами танҳоии ту.
Ҳар кучо замзамаи гуфтушунуди ту бувад,
Ҳар тараф гулгулаи шӯхию зебоии ту.
Сайри гулзору тамошои баҳорон чӣ кунам,
Ки бувад дидаи ман масти тамошоии ту.
Тарҳи бегонагӣ бо ёру рафиқон кардам,
Ба хаёли нафасе тарҳи шиносоии ту.
Шакари лаъли ту ҳар талхдаҳон кай донад?
То чу тӯтӣ накунад машқи шакархоии ту.
Аз таби шавқи ту ножу ба лаби ҷӯ рафта,
То ки шуд шуҳраи олам чаманороии ту.
Кӯҳу ҳомун ҳама овораи Маҷнун шудааст,
Чу баромад ба миён шуҳрати Лайлоии ту.
Ҳеч кас фикри вофои ту ба як бор накард,
Нест кас ёд кунад ҳарфи дилосоии ту.
Ҳоҷиро чун нашавад хотири бечора дуним?
Ба рақибон нигарад ҷилваи яктоии ту.

www.kmt.tj

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъузор ку?
Ғунчаву гул қатор шуд, булбули дилфигор ку?
Боди сабоҳ мевазад аз тарафи диёр, лек
Ғолияи мурод не, муждаи он нигор ку?
Лолаи роғ ҳар саҳар доги дилест дар назар,
Ғунчаву гул ҳамин асар дораду эътибор ку?
Мухлиси ишқ дар кучо? Ҷоми шароб мар киро?
Табъи шукуфтаам кадом? Хотири беғубор ку?
Нест таҳаммуле, ки ман то нигарам ба гулситон,
Ғунчаи дил ба хун шукуфт бар гулам ихтиёр ку?
Аз ҳаду қадди гулрухон чун гулу сарв рустаанд,
Нола кунад ҳазор аз он, қумрӣ ба шохсор ку?
Тарҳи вуҷуди мумкинот шеваи интиқол кард,
Хоки ба бод додаро дагдағаи қарор ку?
Золи сипеҳр мӯягар, ҷомаи таъзият ба бар,
Пардаи айшро асар бар сари ин мазор ку?
Бӯса кунам агар ҳавас аз лабат, эй нигор, деҳ,
Дилшударо шикеб чӣ? Тоқати истибор ку?
Нури нигоҳ, з-ин сипас бар сари дидагон нишин,
Мижа сафед кардам, муддати интизор ку?
Ҳодисаи замони дун як даме муҳлатам надод,
То ғами дил шумар кунам, фурсати бешумор ку?
Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме, сарфи суханварӣ кунам?
Ганҷи мақол доштам, гӯши суханқарор ку?

www.kmt.tj

Ҷону дилам сӯйи ту, сархушам аз бӯйи ту,
Сархушам аз бӯйи ту, ҷону дилам сӯйи ту.
Эй хами абрӯйи ту қиблаи аҳли ниёз,
Қиблаи аҳли ниёз, эй хами абрӯйи ту.
Аз рухи некӯйи ту дог ба моҳи мунир,
Доғ ба моҳи мунир аз рухи некӯйи ту.
Силсилаи мӯйи ту то ба қиёмат дароз,
То ба қиёмат дароз силсилаи мӯйи ту.
Аз қади ножуйи ту сарву санавбар хиҷил,
Сарву санавбар хиҷил аз қади ножуйи ту.
Шефтаи рӯйи ту турки Хитову Чигил,
Турки Хитову Чигил шефтаи рӯйи ту.
Дар хами гесуйи ту дилшудагонанд асир,
Дилшудагонанд асир дар хами гесуйи ту.
Хоки сари кӯйи ту сурмаи аҳли вафост,
Сурмаи аҳли вафост хоки сари кӯйи ту.
Наргиси ҷодуи ту соҳири сомирфиреб,
Соҳири сомирфиреб наргиси ҷодуи ту.
Аз руху аз мӯйи ту чашми бадон дар аъмо,
Чашми бадон дар аъмо аз руху аз мӯйи ту.
Дур зи паҳлуйи ту як даме Ҳоҷӣ мабод,
Як даме Ҳоҷӣ мабод дур зи паҳлуйи ту.

www.kmt.tj

Баски чун ман алам аз ҷаври замон дорад кӯҳ,
Аз садо нолае бар гӯши касон дорад кӯҳ.
Гӯиё ҳамчу ман аз ҳаҷри ту дил сӯзон аст,
Ки шарар бар ҷигари доғ ниҳон дорад кӯҳ.
Чӣ натарсӣ? Ки зи тарси гунаҳе нокарда
Зи дусад чашмаи рух сели равон дорад кӯҳ.
Ҷуз хамушӣ набувад сарфаи осудадилӣ,
Сози тамкин ҳама аз ҳифзи забон дорад кӯҳ.
Ҷониби гӯшанишинон бари ибрат бингар,
Ки аз ин шева баландӣ ба чӣ сон дорад кӯҳ?
Нест дар ҷабҳаи шуҳрат асари дилгармӣ,
Варна аз барф чӣ дастори калон дорад кӯҳ.
Ҷуз ба сахтӣ натавон забти зараркорон кард,
Ҳамраҳи хеш аз он дому давон дорад кӯҳ.
Ҳоҷӣ, аз пешаи сабр аст мақомоти баланд,
З-ин адо шуҳрати рифъат ба ҷаҳон дорад кӯҳ.

www.kmt.tj

Ошноӣ дод моро бо Худо афтодагӣ.
Хоки моро мебарад, бин, то куҷо афтодагӣ?
Пеши поят рӯ ниҳодан ҳеч аз мо айб нест,
Кибриёӣ аз ту мезебад, зи мо афтодагӣ.
Он қадар хиҷлатпарасти эътибори ҳастиям.
Саҷдаҳо гул кард фарқам то ба по афтодагӣ.
Дар бинои аҷз ҳаргиз суратеро барнаёфт,
Ҷустуҷӯҳо кард ғайр аз нақши мо афтодагӣ.
Ҳеч сомоне надорад ин баҳори эътибор,
Ҷон диҳад бо ташнагӣ дар Карбало афтодагӣ.
Сифлагонро рутбаи иззат намонад пойдор,
Бар ҳаво ҳаргиз надорад хокро афтодагӣ.
Ҳар касеро шеваи мухтори табъ афтодааст.
Фитрате дорам, ки дорад иқтизо афтодагӣ.
Эй ҳавас, бар мо фусуни тоҷу парчамро магӯ,
Аз димогам бурда шавқи ъртиқо афтодагӣ.
Нотавониро асое нест ҷуз имдоди оҳ,
Зарраро, Ҳоҷӣ, диҳад сар дар ҳаво афтодагӣ.

www.kmt.tj

Ҳамон рӯзе, ки бастам бо ту аҳди орзуманд̄и,
Тариқи бевафоӣ пеша кард̄и, аҳд барканд̄и.
Чӣ дорад чашми махмурат? Зи маст̄и худписан омад,
Ки риндонро ба ҷуз маст̄и ба коре ҳеч напсанд̄и.
Яқин медон, насиҳатро набошад суд бар ошиқ,
Бувад бар бедилон душвор таълими хирадманд̄и.
Ҳама ширинлиқоёнро ба чашми имтиҳон дидам,
Миёни он ҳама ширинлиқоию шакарханд̄и.
Хиҷолат мекашад наргис зи чашми пурхумори ту,
Бувад дар инфиъол аз ғабғабат себи самарқанд̄и.
Чӣ созам, гар набандам дил ба доми ҳалқаи зулфат?
Чу Юсиф модари айёмро сар карда фарзанд̄и.
Аз ин хуштар чӣ бошад дар тариқи ишқбозиҳо?
Ки ман чун шамъ мегирям, ту ҳамчун субҳ механд̄и.
Ҳадисе аз ману ту ҳолати Фарҳоду Ширин аст,
Ки ман ҷон меканам дар кӯҳу ту бо ғайр пайванд̄и.
Назебад панҷаи тори туро ранги ҳино бастан,
Зи хуни ошиқон ҳар субҳ метобад ҳинобанд̄и.
Агар , Ҳоҷӣ, муқими Каъбаи он меҳрубон гард̄и,
Ҳусули муддао кардию таҳсили буруманд̄и.

www.kmt.tj

Ба дил то кай зи меҳрам кина дорӣ?
Бадар кун он чӣ андар сина дорӣ.
Зи дардат пеши кас ҳаргиз нанолам,
Ки аҳде инчунин пешина дорӣ.
Бимурдам дар гамат, асло нагуфтӣ,
Ки хотир аз чӣ рӯ ғамгина дорӣ?
Ба ҷумъа ваъдаи озодиям буд,
Ба шанбе ваъда дар одина дорӣ.
Закоти ҳусн бар мо муфлисон деҳ,
Чу аз ин мол дар ганҷина дорӣ.
Насиҳат бар ту чун душвор омад,
Магар бар ҳақнамоён кина дорӣ?
Ба риндон гоҳ-гоҳе чеҳра бинмо,
Агарчи рашк ҳам з-ойина дорӣ.
Ало, соқӣ, хумор аз мо бадар кун,
Агар дар хум майи порина дорӣ.
Димоги саркашӣ аз сар бияндоз,
Агар бар осмонҳо зина дорӣ.
Бувад гӯӣ, ки Ҳоҷӣ, шав қаринам,
Ки ҳаққи хидмати дерина дорӣ.

www.kmt.tj

Чи шавад зи лутфи шоҳӣ назаре ба мо намоӣ?
Ки зи ғам ба ҷон расидам, ту ҳанӯзам озмоӣ.
Ба Худо, ки шармам ояд, чу туро хитоб созам,
Ки забон ба ҳарф лағзад, чу ту дар сухан дароӣ.
Ҳама умр тай намудам, нафасам ба охир омад,
Ба дами видоъи рӯҳам, чӣ шавад, агар биёӣ?
На баҳору лола ҷӯям, на маю пиёла гӯям,
Ба шикасти орзуям нафасе ба ҷилва оӣ.
Ба раҳ ончунон нишастам, ки намонд интизорӣ,
Ба куҷо паём созам? Ба кӣ рози ошноӣ?
Ману оламе гуноҳам, чӣ забони узрхоҳам?
Ба карам диҳӣ паноҳам, ки ту меҳрубони моӣ.
Аҷаб аз хаёли хубон, ки раҳи вафо надонанд,
Магар аз ту пеша карданд раҳу расми бевафоӣ?
Ҳама хиҷлатам, ки дорам ҳама субҳ боданӯшӣ,
Ба чӣ номи тавба гирам, ба чӣ роҳи порсоӣ?
Бигушой шасти мижгон ба фидои ҷони Ҳоҷӣ,
Ки касе дият нахоҳад зи кушандаи фидоӣ.

www.kmt.tj

Субҳи пириҳо дамиду рафт они зиндагӣ,
Рехт анҷумпораҳои осмони зиндагӣ.
Он замоне чашми хоболуди мо дар хоб буд,
Бехабар бигзашт аз мо корвони зиндагӣ.
Тозагиҳои хаёлам аз гули рухсори туст,
Бе ту рангу бӯ надорад гулситони зиндагӣ.
Қомат аз бори надоматҳои даврон зад ба хок,
Бар замин афтод нахли бӯстони зиндагӣ.
Ҳеч касро пешаи гафлат ба огоҳӣ нарафт,
Ҳар қадар рафтанд пайҳам ҳамраҳони зиндагӣ.
Дар талоши ину он фурсат ба нокомӣ гузашт,
Ҳеч як охир наёмад посбони зиндагӣ.
Саъйи мо чун соя дар пойи касон беҳосил аст,
Ҷуз надомат бар надорад нотавони зиндагӣ.
Шӯриши захм аз дами шамшер медонӣ, чарост?
Қатъи васлат мекунад аз дӯстони зиндагӣ.
Ҳамчу шамъам мурдатабъиҳои даврон доғ кард,
К-аз чӣ рӯ шахсе набошад қадрдони зиндагӣ?
Ҳоҷӣ, ин ҷо чанд биншинем? Вақти реҳлат аст,
Як ду рӯзе буд, шуд охир замони зиндагӣ.

www.kmt.tj

Эй ки бар хотири мо ҳеч мадоро накунӣ,
Умр бигзашту назар бар тарафи мо накунӣ.
Ошиқон дар ғами ту ҳоли табоҳе доранд,
Ту чаро пурсиши ин қавм тақозо накунӣ?
Бари як хандаи ту хотири мо ранҷур аст,
Чи табибӣ, ки ба ин дард мудово накунӣ?
Оби чашмам, ки чу Ҷайҳун ба раҳат мерезад,
Гузаре бар лаби ин чашма тифоқо накунӣ.
Ҳамчунон лоласитонҳо дили мо пурхун аст,
Ба чунин лоласитон сайру тамошо накунӣ.
Эй фалак, рӯзу шабон баҳри чӣ саргардонӣ?
Ки сукун як нафасе аз пайи дунё накунӣ.
Ҳоҷӣ, чун шеваи хубони ҷаҳон бемеҳрист,
Ба ғалат меҳр аз ин ҷумла таманно накунӣ.

www.kmt.tj

# ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

## САДУ ЯК ҒАЗАЛ

Муҳаррири ороиш *А.Исоев*
Муҳаррири техникӣ *К.Эгамбердиев*

**БИ № 3833**

Ба матбаа 6.03.09 супурда шуд. Ба чоп 10.03.09 имзо шуд.
Андозаи 84Х108 1/32. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 6,5.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,0. Адади нашр 500.
Супориши № 10. Нархи шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии "Ирфон"-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш.Душанбе, кӯчаи
Н.Қаробоев, 17.

Дар ҶДММ «Сунатулло» чоп шудааст.

www.kmt.tj

3 сом

ISBN 978-99947-63-54-2

«Ирфон»

www.kmt.tj